# МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# МАЪРӮЗАИ
# ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2020

**ДУШАНБЕ – 2021**

## МУНДАРИҶА

**ПЕШГУФТОР** ........................................................................ 3

**I. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2020**

1.1. Таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ........................................................................ 8

1.2. Қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ..... 15

1.3. Такмили қонунгузорӣ ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ........................................................................ 25

1.4. Баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар самти ҳуқуқи инсон ........................................................................ 30

1.5. Натиҷаҳои амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020........................................ 33

**II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

2.1. Ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ........................................................................ 39

2.2. Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида ...... 46

2.3. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот .................................................. 54

2.4. Ҳуқуқи инсон ба интихобот .................................................... 61

2.5. Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ................. 67

2.6. Ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият ........................................... 75

2.7. Пешгирии кирдорҳои зӯроварӣ дар оила ................................ 83

2.8. Ҳуқуқ ба саломатӣ ................................................................... 89

**ХОТИМА** ........................................................................ 95

# ПЕШГУФТОР

Соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати боз ҳам беҳбуд бахшидан ба вазъи риоя, ҳифз ва таъмини ҳуқуқи инсон як қатор тадбирҳои самарабахш ва мақсаднок амалӣ карда шуданд.

Дар ин сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд чорабиниҳои бузурги сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баргузор гардиданд, ки ба самтҳои мухталифи ҳифзи ҳуқуқи инсон низ рабт доштанд.

Шаҳрвандони Тоҷикистон дар асоси принсипҳои умумӣ ва баробарӣ дар ду чорабинии муҳими сиёсӣ – интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, ки 1 март ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 11 октябри соли 2020 баргузор гардиданд, фаъолона иштирок намуданд. Натиҷаҳои интихоботи мазкур аз ҷониби мушоҳидони байналмилалӣ озод, шаффоф ва демократӣ арзёбӣ гардиданд.

Ҳамчунин 30 октябри соли 2020 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз салоҳияти конститутсионии худ ва дар асоси принсипҳои инсондӯстона, меҳру шафқат, ғамхорӣ ба оила ва кӯдакону наврасон 378 нафар маҳкумшударо бахшида, онҳоро аз адои минбаъдаи ҷазо озод намуданд.

Соли 2020 ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон 75-солагии таъсисёбии Созмони Милали Муттаҳидро ҷашн гирифтанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин созмони бонуфузи байналмилалӣ дар ҳамаи самтҳо, хусусан самти ҳуқуқи инсон тақвияти ҳамкориҳои бисёрҷониба ва дуҷонибаро боз ҳам вусъат бахшид.

Ҳамчунин дар ин сол рӯйдоди дигари муҳими таърихӣ – 75-солагии ғалаба бар фашизм ҷашн гирифта шуд. Боиси ёдоварист, ки дар таъмини ин ғалабаи бузург дар баробари дигар намояндагони халқу миллатҳо шаҳрвандони Тоҷикистон низ нақши назаррас гузоштаанд.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ дар ин раванд ҷиҳати амалӣ намудани салоҳияту ваколатҳои қонунӣ ва ташвиқу тарғиби дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон чораандешӣ намуда, оид ба корҳои дар ин самт ба анҷом расонида ин маърӯзаро таҳия намудааст.

Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 тибқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо дарназардошти вазъи воқеии ҳуқуқи инсон дар ҷумҳурӣ, дастоварду камбудиҳои самтҳои алоҳидаи ҳуқуқи инсон, саҳми мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар эътироф, эҳтиром, ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқи инсон таълиф гардидааст.

Маърӯза аз пешгуфтор, ду қисм ва хотима таркиб ёфта, бо мақсади беҳтар кардани вазъи таъмини ҳуқуқҳои инсон

вобаста ба ҳар як самти баррасигардида тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд.

Дар қисми аввали Маърӯза масъалаҳои таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ, санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар самти ҳуқуқи инсон инъикос гардидаанд. Бо дарназардошти муваффақона ба анҷом расидани мӯҳлати татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 дар қисми аввали Маърӯза маълумоти муфассал оид ба натиҷаҳои амалисозии он оварда шудааст.

Дар қисми дуюм мавзӯъҳои ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, вазъи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, ҳуқуқи инсон ба интихобот, ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият, пешгирии кирдорҳои зӯроварӣ дар оила ва ҳуқуқ ба саломатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Лозим ба ёдоварист, ки дар Маърӯзаи имсола илова ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомот ҳамчунин оид ба ҳуқуқи инсон ба интихобот дар робита ба ду маъракаи интихоботии гузаронидашуда ва ҳуқуқ ба саломатӣ дар робита ба пандемияи COVID-19 маълумотҳо ҷой дода шудаанд.

Маърӯзаи мазкур бо мақсади ҷалби таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва васоити ахбори омма ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон таҳия гардида, тақозо менамояд, ки бо дарназардошти дастовардҳои муҳими Тоҷикистон дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон барои пешрафти минбаъдаи онҳо ва бартараф намудани норасоиҳои мавҷуда чораҳои мушаххас андешида шаванд.

Дар Маърӯза инчунин, таҳлили вазъи риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, мушкилоти ҷойдошта дар қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳуқуқвайронкуниҳо, корҳои анҷомдодашуда доир ба барқарорсозии ҳуқуқҳои халалдоршуда, тавсия ва пешниҳодҳо оид ба роҳҳои ҳалли камбудиҳо ва норасоиҳои мавҷуда баён шудаанд. Хулосаҳо дар асоси муроҷиатҳои шаҳрвандон ва мониторингҳои гузаронидашуда, инчунин иттилооте, ки аз мақомоти давлатӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва васоити ахбори омма ба даст омадаанд, пешниҳод карда шудаанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон итминон дорад, ки мақомоти дахлдори давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалӣ намудани тавсияҳое, ки дар маърӯзаҳои солонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон омадаанд, чораҳои заруриро меандешанд ва дар пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм мегузоранд.

Ҳамчунин Маърӯза барои дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки

дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон фаъолият менамоянд ва аҳли ҷомеа пешбинӣ шуда, дар матбуоти чопӣ ва электронӣ мавриди нашр қарор мегирад.

# I. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2020

## 1.1. Таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

Иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони таъсис то ба имрӯз марҳила ба марҳила таҳким меёбад.

Мақомоти Ваколатадор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Дастгоҳи марказӣ, намояндагиҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ дар шаҳрҳои Кӯлобу Исфара ва ноҳияи Қубодиён иборат мебошад. Дар мақомот 49 нафар кормандон фаъолият менамоянд, ки 31 нафари онҳо хизматчии давлатӣ ва 18 нафари дигар ҳайати техникӣ мебошанд. Аз ин шумора 40 нафар (25 хизматчии давлатӣ ва 15 ҳайати техникӣ) дар Дастгоҳи марказӣ ва 9 нафар (6 нафар хизматчии давлатӣ ва 3 нафар тариқи шартномавӣ) дар сохторҳои маҳалии мақомот фаъолият менамоянд. Аз 49 нафар кормандони мақомот 12 нафарашонро занон ташкил медиҳанд, ки 6 нафарашон хизматчии давлатӣ ва 6 нафарашон ҳайати техникӣ мебошанд. Занон 24,4% кормандони мақомотро ташкил медиҳанд.

Дар мақомот ба масъалаҳои баланд бардоштани малака ва такмили дониш аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад. Бо мақсади истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ,

ҷобаҷогузории кадрҳо, такмили ихтисос ва азнавтайёркунии онҳо дар соли 2020 бо ҷойивазкунӣ 4 нафар, аттестатсия 5 нафар ва баҳодиҳии фаъолият 27 нафар хизматчиёни давлатии мақомот фаро гирифта шуда, 6 нафар ба захираи кадрҳо ворид карда шуданд. Тибқи дархости Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 нафар аз курсҳои такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ гузашта, дар асоси нақшаи дохилиидоравӣ бо кормандони Дастгоҳи марказӣ 39 дарсҳои бозомӯзӣ гузаронида шуд.

Ҷиҳати баланд бардоштани донишҳои соҳавӣ ва завқи бадеии кормандон аз имкониятҳои китобхонаи мақомот низ васеъ истифода бурда мешавад. Аз ҷумла, соли 2020 фонди китобхона бо 112 номгӯй китобҳои бадеии тозанашр ғанӣ гардонида шуд.

Бо мақсади омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои кормандони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон курси омӯзиши забони англисӣ дар ду гурӯҳ (пешрафта ва навомӯз) ташкил карда шуд, ки ҳамарӯза яксоатӣ гузаронида мешавад.

Ҳамчунин, дар доираи ҳамкориҳо бо шарикони рушд ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар самти ҳуқуқи инсон фаъолият менамоянд, барои боз ҳам баланд бардоштани малакаи касбии кормандон дар мавзӯъҳои татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, муҳоҷирати бехатар ва ҳимояи манфиатҳои муҳоҷирон, барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи ҷабрдидагони зӯроварии хонаводагӣ, амалисозии Ҳадафҳои Рушди Устувор,

таҳияи маърӯзаҳои алтернативӣ дар доираи Шарҳи Умумии Даврӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон ва шоҳидони ҷиноят ва дигар самтҳои муҳими соҳа семинару тренингҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд.

Соли 2020 Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2016-2020 ҷамъбаст гардида, Стратегияи нави мақомот барои солҳои 2021-2025 таҳия ва тасдиқ шуд. Дар Стратегияи нав самтҳои таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, мусоидат ба баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ҳимояи ҳуқуқи инсон дар низоми муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, амалишавии ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, пешгирии амалҳои зӯроварӣ дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо, ҳифзи ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият, амалишавии ҳуқуқи кӯдакон ба таҳсил ҳамчун самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомот интихоб карда шуданд.

Ҷиҳати пешгирии паҳншавии пандемияи коронавируси нав дар мақомот Ситоди дохилиидоравӣ таъсис дода шуда, ҳамкории муназзами он бо Ситоди ҷумҳуриявӣ таъмин карда шуд. Дар ин робита дар мақомот бо мақсади риояи қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ ва таъмини кормандон бо воситаҳои гигиенаи шахсӣ тадбирҳои дахлдор андешида шуданд.

Ҳамзамон бо ҷонибдорӣ аз иқдомҳои наҷибонаи Пешвои миллат кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҳисоби музди меҳнати худ ба суратҳисоби махсуси

пешгирӣ ва мубориза бо пандемияи коронавирус 23 000 сомонӣ гузарониданд.

Ҳамчунин дар ҳамкорӣ бо Ташкилоти ҷамъиятии “Авитсена” ба 21 нафар эҳтиёҷмандон маводи ғизоӣ, ба муассисаи ислоҳии занонаи ЯС 3/8 ва муассисаи тарбиявии ЯС 3/12 воситаҳои тиббӣ ва антисептикӣ ва ба маъюбон дар ҳаҷми 1000 (ҳазор) сомонӣ кӯмаки пулӣ расонида шуд.

Маблағгузории фаъолияти мақомот низ сол аз сол зиёд мегардад. Аз ҷумла соли 2020 дар буҷети давлатӣ барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1 784 939 сомонӣ ҷудо шуда буд, ки назар ба соли 2019 32 986 сомонӣ зиёд аст. Аз ин ҳисоб барои Дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1 677 550 сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВМКБ ва вилоятҳои Суғду Хатлон 107 389 сомонӣ ҷудо гардида, мақсаднок истифода шуданд.

Инчунин дар соли 2020 аз ҳисоби маблағҳои грантӣ барои таъмини фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳрҳои Кулоб, Исфара ва ноҳияи Қубодиён аз ҳисоби Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид 257 612 сомонӣ ва барои гузаронидани санҷишу мониторингҳо аз ҳисоби Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 34 646 сомонӣ сарф гардидааст.

Дар маҷмӯъ соли 2020 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 292

258 сомонӣ маблағҳои грантӣ ҷалб гардидааст, ки 16,3% хароҷоти умумии мақомотро ташкил медиҳад.

Бо мақсади таҳкими ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон соли 2020 аз ҷониби роҳбарият ва кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 28 вохӯриҳои судманд гузаронида шуд. Вохӯриҳо бо Роҳбари Намояндагии Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба кор бо гурезаҳо ҷаноби Мулугета Зевдӣ, Омбудсмени Грузия хонум Нино Ломджария, намояндаи Созмони ҳамкориҳои байналмилалии Германия (GIZ) ҷаноби Ҷоҳенес Депп ва се вохӯрӣ бо намояндагони Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Дар доираи ҳамкориҳо роҳбарият ва кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади таҳким ва пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар 45 ҷаласаву семинарҳо ва мизҳои мудаввару конференсияҳо иштирок ва маърӯза намуданд. Бинобар паҳншавии бемории Covid-19 дар ҷаҳон ва қатъ гаридидани сафарҳои хизматӣ баъзе аз ин чорабиниҳо тариқи онлайн баргузор гардиданд. Масалан, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон У.Бобозода санаи 29 апрел дар ҷаласаи сеюми Алянси Авруосиёгии омбудсменҳо бахшида ба “75-солагии ғалаба дар Ҷанги бузурги ватанӣ”, санаи 3 июл дар ҷаласаи роҳбарони ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон – Ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсони кишварҳои Осиёи

Марказӣ ва санаи 11 декабр дар маросими 25-солагии таъсиси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки тариқи онлайн баргузор гардиданд, иштирок ва суханронӣ намуд.

Ҳамзамон дар самти таҳкими иқтидори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳануз ҳам баъзе мушкилот боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, фаъолияти намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВМКБ ва вилоятҳои Суғду Хатлон аз ҳисоби маблағҳои буҷети шаҳрҳои Хоруғ, Бохтар ва Хуҷанд маблағгузорӣ мешаванд. Маблағҳои пешбинишуда барои сохторҳои маҳаллии мақомот кофӣ набуда, ба самаранокии фаъолият, муттамарказии идоракунӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо ва таъминоти моддию техникии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Мувофиқи мақсад мебошад, ки маблағгузории ин сохторҳо аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети давлатӣ барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон пешбинигардида ба роҳ монда шавад.

Тартиби маблағгузории қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ беҳбудиро тақозо мекунад. Фаъолияти қабулгоҳҳо, ки аз ҳисоби шарикони рушд дар доираи лоиҳаҳои мушаххас маблағгузорӣ мешаванд, пас аз анҷомёбии муҳлати татбиқи лоиҳаҳо қатъ ё боздошта мешавад.

Масалан, аз 11 қабулгоҳи ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ки солҳои қаблӣ фаъолият менамуданд айни

замон танҳо 6-тои он фаъолият менамояд, ки аз ин шумор ба 3-тоаш мақоми Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (бо маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ) дода шудааст. Бинобар ба итмом расидани муҳлати татбиқи лоиҳаҳо фаъолияти қабулгоҳҳои ҷамъияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳрҳои Турсунзодаву Роғун ва ноҳияҳои Қумсангир, Рашт ва Айнӣ қатъ гардиданд. Аз ин лиҳоз, мувофиқи мақсад аст, ки маблағгузории қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон марҳила ба марҳила ба буҷети давлатӣ гузаронида шавад.

Масъалаи дигаре, ки дастрасии шаҳрвандонро ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон халалдор месозад, тез-тез иваз шудани қароргоҳи доимии он дар шаҳри Душанбе мебошад. Санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон ва қонунгузории миллӣ тақозо мекунанд, ки қароргоҳи доимии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар марказ ва барои шаҳрвандон, аз ҷумла қишрҳои осебпазири ҷомеа дастрас бошад. Вобаста ба имкониятҳо таъмин намудани чунин бино барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мувофиқи мақсад мебошад.

## 1.2. Қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

Муроҷиат ба мақомоти давлатӣ яке аз ҳуқуқҳои муҳими инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, воситаи асосии барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншуда ба ҳисоб меравад. Қонунгузории миллӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқи мазкурро кафолат медиҳад.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон муроҷиат менамоянд.

Соли 2020 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1946 адад (с.2019 - 3249) муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 436 адад хаттӣ ва 1510 адад муроҷиатҳои шифоҳӣ мебошанд. Аз ин шумора, 651 адад (с.2019 - 700 адад) дар Дастгоҳи марказӣ ва 1295 адад (с.2019 - 2549 адад) дар намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба қайд гирифта шуданд.

Аз 651 адад мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар Дастгоҳи марказӣ ба қайд гирифта шуданд, 244 адад (с.2019 - 302) аризаву шикоятҳои хаттӣ ва 407 адад (с.2019 - 398) мурочиатҳои шифоҳӣ буда, 327 адад ё 50,2% ба занҳо рост меояд.

Соли 2020 ба Дастгоҳи марказии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби сокинони шаҳри Душанбе 110 адад, вилояти Хатлон 25 адад, вилояти Суғд 33 адад, сокинони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 41 адад, аз дигар давлатҳо 32 адад, созмонҳои байналмилалӣ 1 адад ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон 2 адад мурочиатҳо ворид гардидааст (нигаред ба диаграмма).




Мурочиатҳои хаттӣ тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон мансубанд:

**а) ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (104 адад):**

– ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 34 адад ё 14% (с.2019 - 55);

– ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда – 25 адад ё 10,2% (с.2019 - 6);
– ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа, дигар намудҳои муносибат ва ҷазоҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф – 17 адад ё 7%, аз ҷумла 5 мурочиат вобаста ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа (с.2019 - 16);
– ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 7 адад ё 2,8% (с.2019 - 24);
– ҳуқуқи инсон ҳангоми гузаронидани тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқ – 6 адад ё 2,4%;
– ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ – 5 адад ё 2%;
– ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот – 3 адад ё 1,2% (с.2019 - 4);
– ҳуқуқи шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо – 2 адад ё 0,8% (с.2019 - 2);
– ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ – 1 адад ё 0,4%;
– ҳуқуқ ба мурочиат – 4 адад ё 1,6%;

**б) ҳуқуқҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангӣ (115 адад):**

– ҳуқуқ ба манзил – 32 адад 13% (с.2019 - 23 адад);
– ҳуқуқ ба таъминоти ичтимоӣ – 16 адад ё 6,5% (с.2019 - 30 адад);
– ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ – 12 адад ё 5%(с.2019 - 15 адад);
– ҳуқуқ ба моликият – 10 адад ё 4% (с.2019 - 22 адад);
– ҳуқуқ ба таҳсил – 7 адад ё 2,8% (с.2019 - 3 адад);
– ҳуқуқ ба муошират – 7 адад ё 2,8%;

- ҳуқуқ ба ҳимоя – 6 адад ё 2,4%;
- ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо – 5 адад ё 2%;
- ҳуқуқ ба мерос – 5 адад ё 2%;
- ҳуқуқ ба ташкил ва ҳифзи оила – 4 ё 1,6%;
- ҳуқуқ ба пешгирии зӯроварӣ дар оила – 4 ё 1,6%;
- ҳуқуқ ба меҳнат – 3 адад ё 1,2% (с.2019 - 12 адад);
- ҳуқуқ ба фардият – 3 адад ё 1,2%;
- ҳуқуқ ба саломатӣ – 1 адад ё 0,4% (с.2019 - 7 адад);

**в) дигар ҳуқуқҳо – 25 адад ё 10,2% (с.2019 - 31).**

Дар соли 2020 дар муқоиса ба соли 2019 теъдоди мурочиатҳо нисбати ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда 19 адад ва ҳуқуқ ба манзил 9 адад зиёд гардида, мурочиатҳо нисбати ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ 21 адад, ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 17 адад, ҳуқуқ ба моликият 12 адад ва ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ 14 адад нисбатан кам гардидаанд.

Аз 244 (с.2019 - 302 адад) мурочиатҳои хаттии ба Дастгоҳи марказӣ воридгадида нисбат ба қарор ё амал (беамалии) субъектони зерин шикоят карда шудааст:

- мақомоти судӣ – 46 адад ё 18,8% (с.2019 - 37 адад);
- Вазорати корҳои дохилӣ – 21 адад ё 8,6% (с.2019 - 18 адад);
- мақомоти прокуратура – 5 адад ё 2%(с.2019 - 19 адад);
- Вазорати адлия (СРИҶҶ) – 5 адад ё 2% (с.2019 - 10 адад);
- Вазорати маориф ва илм – 4 адад ё 1,6%;

- Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа – 4 адад ё 1,6%;
- КДАМ – 3 адад ё 1,2% (с.2019 - 4 адад);
- Хадамоти иҷро – 3 адад ё 1,2%;
- Вазорати мудофиа – 2 адад ё 0,8%;
- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия – 2 адад ё 0,8%;
- Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ – 1 адад ё 0,4%;
- мақомоти худидоракунии маҳаллӣ – 1 адад ё 0,4%;
- мақомоти иҷроияи маҳаллӣ – 2 адад ё 0,8%;
- шахсони воқеӣ – 17 адад ё 7% (с.2019 – 24 адад);
- шахсони ҳуқуқӣ – 17 адад ё 7% (с.2019 – 14 адад);
- дигар масъалаҳо – 111 адад ё 45% (с.2019 – 93 адад).

Дар соли 2020 дар муқоиса ба соли 2019 шикоятҳо нисбат ба мақомоти судӣ 9 адад, корҳои дохилӣ 3 адад, шахсони ҳуқуқӣ 3 адад бештар гардида, нисбат ба мақомоти прокуратура 14 адад, адлия 5 адад ва шахсони воқеӣ 7 адад кам шудаанд.

Соли 2020 роҳбарият ва кормандони Дастгоҳи маркази Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 407 адад (с.2019 - 398 адад) мурочиатҳои шифоҳиро қабул ва баррасӣ намуданд, ки 62,5% мурочиатҳои воридгардидаро ташкил медиҳанд.

Тибқи таснифот мурочиатҳои шифоҳии бақайдгирифташуда ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

**а) ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (60):**

– ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 22 адад ё 10% (с.2019 - 35 адад);
– ҳуқуқ ба мурочиат – 17 адад ё 7,8% (с.2019 - 21 адад);
– ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда – 6 адад ё 2,7% (с.2019 - 6 адад);
– ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 5 адад ё 2,3% (с.2019 - 15 адад);
– ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озод будан аз шиканҷа ва аз тамоми шаклҳои зӯроварӣ – 4 адад ё 1,8% (с.2019 - 11адад);
– ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 3 адад ё 1,3% (с.2019 - 2 адад);
– ҳуқуқ ба ҳимоя – 2 адад ё 0,9% ;
– ҳуқуқ ба интихоби озоди маҳали зист – 1 адад ё 0,4%;

**б) ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (133):**

– ҳуқуқ ба манзил – 44 адад ё 20,3% (с.2019 - 39 адад);
– ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 19 адад ё 8,7% (с.2019 - 29 адад);
– ҳуқуқ ба моликият – 16 адад ё 7,4% (с.2019 – 24 адад);
– ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, дар оила тарбия гирифтан – 12 адад ё 5,5% (с.2019 - 19 адад);
– ҳуқуқ ба муошират ва робитаҳои хешутаборӣ – 12 адад ё 5,5%;
– ҳуқуқ ба таҳсил – 10 адад ё 4,6% (с.2019 - 12 адад);
– ҳуқуқ ба ташкил ва ҳифзи оила –7 адад ё 3,2%;
– ҳуқуқ ба меҳнат – 6 адад ё 2,7% (с.2019 - 8 адад);
– ҳуқуқ ба саломатӣ – 2 адад ё 0,9% (с.2019 - 11 адад);

- ҳуқуқ ба замин – 2 адад ё 0,9%;
- ҳуқуқи ба дастгирии соҳибкорӣ – 2 адад ё 0,9% (с.2019 - 1 адад);
- ҳуқуқи кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда – 1 адад ё 0,4%;

**в) дигар масъалаҳо – 35 адад ё 15,5% (с.2019 - 63 адад).**

Дар мурочиатҳои шифоҳии ба мақомот воридшуда шаҳрвандон нисбати қарор ё амали (беамалии) субъектони зерин шикоят кардаанд:

- мақомоти судӣ – 54 адад ё 25% (с.2019 - 38 адад);
- Вазорати корҳои дохилӣ – 7 адад ё 3,2% (с.2019 - 18 адад);
- Прокуратураи генералӣ – 2 адад ё 0,9% (с.2019 - 7 адад);
- Вазорати адлия (СРИҶҶ) – 2 адад ё 0,9%;
- Вазорати маориф ва илм – 1 адад ё 0,4% (с.2019 - 1 адад);
- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия – 1 адад ё 0,4%;
- Хадамоти ичро – 1 адад ё 0,4% (с.2019 - 5 адад);
- шахси воқеӣ – 32 адад ё 14,8% (с.2019 - 30 адад);
- шахси ҳуқуқӣ – 22 адад ё 10% (с.2019 - 15 адад);
- дигар масъалаҳо – 95 адад ё 43% (с.2019 - 173 адад).

Таҳлили мурочиатҳои шифоҳӣ нишон медиҳад, ки шаҳрвандон бештар нисбат ба мақомоти судӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ шикоят кардаанд.

Аз ҷумла, дар рӯзҳои қабули шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарият 102 мурочиат (с.2019 - 85 адад) ба қайд гирифта

шудааст, ки ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

- ҳуқуқ ба робитаи бевосита ва озодии рафтуомад бо волидайн - 20 адад;
- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ - 17 адад;
- ҳуқуқ ба манзил - 10 адад;
- ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа - 8 адад;
- ҳуқуқ ба ташкил ва ҳифзи оила - 8 адад;
- ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда - 6 адад;
- ҳуқуқ ба саломатӣ - 6 адад;
- ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ - 5 адад;
- ҳуқуқ ба фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ - 2 адад;
- ҳуқуқ ба таҳсил - 2 адад;
- ҳуқуқ ба фардият - 1 адад;
- ба дигар масъалаҳо - 17 адад.

Соли 2020 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва муовини ӯ ба шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, Конибодом, Бӯстон ва ноҳияҳои Сангвор ва ноҳияҳои Восеъ, Балҷувон, Панҷ, Дӯстӣ ва Ҷ.Балхӣ сафари корӣ анҷом дода, зимни қабули сайёр муроҷиатҳои 77 нафар шаҳрвандонро оид ба масъалаҳои гуногун баррасӣ намуданд.

Соли 2020 аз ҷониби намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1295 адад (с.2019 - 2549 адад) муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо муроҷиатҳои хаттӣ 192 адад

(с.2019 – 285 адад) ва муроҷиатҳои шифоҳӣ 1103 ададро (с.2019 - 2264 адад) ташкил медиҳанд.

Тибқи таснифот муроҷиатҳои хаттие, ки аз тарафи намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон баррасӣ шудаанд, ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

- ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 22 адад ё 11,4% (с.2019 - 52);
- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 21 адад ё 11% (с.2019 - 26);
- ҳуқуқ ба меҳнат – 20 адад ё 10,4% (с.2019 - 23);
- ҳуқуқ ба замин – 19 адад ё 10% (с.2019 - 27);
- ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 18 адад ё 9,3% (с.2019 - 20);
- ҳуқуқ ба мерос – 17 адад ё 8,8% (с.2019 - 12);
- ҳуқуқи маъюбон – 14 адад ё 7,2% (с.2019 - 19);
- ҳуқуқ ба моликият – 16 адад ё 8,3% (с.2019 - 12);
- ҳуқуқ ба алимент – 12 адад ё 6,2 % (с.2019 - 38);
- ҳуқуқ ба манзил – 11 адад ё 5,7% (с.2019 - 30);
- ҳуқуқ ба саломатӣ – 10 адад ё 5,2% (с.2019 - 15);
- ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 6 адад ё 3% (с.2019 - 6);
- дигар ҳуқуқҳо – 6 адад ё 3% (с.2019 - 37).

Дар асоси муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар 12 (с.2019 – 8) мурофиаҳои судӣ иштирок намуданд.

Ҳамаи аризаву шикоятҳои шаҳрвандон дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо риояи муҳлатҳои муқарраршудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва тибқи талаботи Дастурамали тартиби баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон баррасӣ шудаанд.

### 1.3. Такмили қонунгузорӣ ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон

Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, санҷишу мониторинги вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида ва пешниҳоди хулосаҳо ба лоиҳаҳои пешниҳодшуда аз вазифаҳои асосии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба шумор меравад. Соли 2020 бо мақсади мусоидат намудан дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон лоиҳаи 42 санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (с.2019 - 26 адад) мавриди омӯзиш қарор дода шуда, хулосаҳо пешниҳод гардиданд. (Нигаред ба диаграмма)




Аз ҷумла, ба лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо терроризм”, “Дар бораи муҳоҷират”, “Дар бораи сиёсати давлатии гендерӣ”, “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ”, “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ”, лоиҳаҳои “Тартиби ворид намудан ва муҳлати нигоҳдошт дар Қабулгоҳ-таҳвилгоҳи ноболиғони Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонони Вазорати корҳои дохилӣ”, “Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони содирнамудаи ҳуқуқвайронкунӣ, ки дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва маҳдуд кардан аз озодӣ адои ҷазо намудаанд барои солҳои 2020-2024”, “Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон барои солҳои 2020-2024” хулосаҳо пешниҳод карда шуданд.

Лоиҳаҳо аз мақомоти зерин ворид гардидаанд:

– Суди Олӣ – 4 (лоиҳаи Қонун)

– Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2 (лоиҳаи Стратегия);

– Вазорати адлия – 8 (7 лоиҳаи Қонун, 1 лоиҳаи Барнома);

– Вазорати корҳои дохилӣ – 3 (лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ – 3 (2 лоиҳаи Қонун, 1 лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– Вазорати рушди иқтисод ва савдо – 3 (2 лоиҳаи Қонун, 1 лоиҳаи дигар санад);

– Вазорати маориф ва илм – 2 (1 лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 лоиҳаи дигар санад);

– Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия – 2 (лоиҳаи Стратегия);

– Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим – 2 (лоиҳаи Консепсия);

– Кумитаи кор бо занон ва оила – 3 (лоиҳаи Барнома);

– Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа – 7 (лоиҳаи Қонун).

– Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 3 (лоҳаи Қонун).

Чун ташхиси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон вазифаи асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба шумор меравад, мувофиқи мақсад аст, ки лоиҳаи санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ, ки бевосита ба ҳуқуқҳои инсон равона гардидаанд, барои пешниҳод хулоса ҳатман ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон равона карда шаванд. Чунки, аксар вақт аз тамоми самтҳои фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бармеояд, ки натиҷаи бисёре аз санҷишу мониторингҳо ва боздидҳо зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонунгузории ҷорӣ тақозо менамояд.

Ҳамчунин роҳбарият ва кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар 41 ҷаласаҳои (с.2019 – 17) гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар

санадҳо вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон иштирок намуданд.

Фаъолияти гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба мутобиқсозии фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба Принсипҳои Париж, мониторинги муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак, Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 ва Кумитаи роҳбарикунандаи лоиҳаи шарикии Созмони Милали Муттаҳид барои пешбурди ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ самаранок буданд.

Соли 2020 оид ба фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқҳои инсон 148 (с.2019 – 140) маълумотнома ва ахбору гузоришҳо ба мақомоту идораҳои зерин пешниҳод карда шудаанд:

- Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 103;
- Агентии хизмати давлатӣ – 14;
- Вазорати корҳои хориҷӣ – 7;
- Прокуратураи генералӣ – 4;
- Вазорати адлия – 4;
- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ – 4;
- Кумитаи кор бо занон ва оила – 4;
- Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим – 2;

– Вазорати рушди иқтисод ва савдо – 2;

– Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – 1;

– Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсӣ – 1;

– Вазорати молия – 1;

– Шурои миллии муқовимат бо коррупсия – 1.

Тибқи Барномаи амали мақомот, нақшаи кори Гурӯҳи мониторингӣ, дар асоси муроҷиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва бо супориши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон соли 2020 дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, тавқифгоҳҳои тафтишотӣ, тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатӣ, қисмҳои ҳарбӣ, муассисаҳои будубоши маъюбон ва пиронсолон, мактаб-интернатҳо, мактаб-парастишгоҳҳо, муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ 40 санҷиш, 12 мониторинг ва 11 боздид гузаронида шуданд.

Аз натиҷаи санҷишу мониторингҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба роҳбарони мақомоту идораҳои дахлдор гузоришу тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

## 1.4. Баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар самти ҳуқуқи инсон

Ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз воситаҳои гуногуни иттилоотию маърифатӣ, аз қабили вохӯрию мулоқотҳо, конфронсу семинарҳо ва мизҳои мудаввар, инчунин баромадҳо дар телевизион ва радио, нашри мақолаҳо дар матбуоти даврӣ ва чопи маводҳо васеъ истифода мебарад.

Дар ин раванд соли 2020 аз ҷониби кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 47 баромади телевизионӣ, 59 баромади радиоӣ, 59 мақола дар матбуоти даврӣ ва 57 мавод дар матбуоти электронӣ дар воситаҳои ахбори омма таъмин карда шудааст (нигаред ба диаграмма).




Санаҳои 30 январ ва 16 июли соли 2020 бо иштироки доираи васеъи намояндагони васоити ахбори омма нишасти матбуотии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон баргузор

гардида, муҳтавои он дар телевизион, радио, матбуоти даврӣ ва интернет пахш гардид.

Ҳамчунин дар ин давра маърӯзаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак барои соли 2019 таҳия ва ба мақомоти давлатии дахлдор ирсол гардида, бо мақсади таъмин намудани дастрасии бештари аҳолӣ ба фаъолияти мақомот дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд бо теъдоди 600 нусха нашр карда шуданд.

Дар соли 2020 бо ибтикори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 34 (с.2019 - 47) чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида шуда, кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар 45 (с.2019 - 65) семинару конференсияҳо ва мизҳои мудаввар оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон иштирок ва маърӯза намуданд.

Моҳи сентябри соли 2020 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон озмуни беҳтарин қироати шеър дар мавзӯъҳои “Тоҷикистон”, “Истиқлолият”, “Ватан” ва “Модар” баргузор ва натиҷагирӣ гардид, ки дар он ҳайати кормандони Дастгоҳи марказии мақомот фаъолона иштирок намуданд.

Озмуни мазкур бо мақсади баланд бардоштани завқи шеърдонӣ, шеърхонӣ, тақвияти нерӯи зеҳнӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ пешбинӣ гардида буд.

Натиҷаҳои озмун бо иштироки роҳбарияти мақомот ва ҷалби мутахассиси соҳа – дотсенти факултаи филологияи

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филология Қ.Нурқаев ҷамъбаст гардид. Зимни ҷамъбаст кормандони мақомот - ғолибони зинаи якум, дуюм ва сеюм бо диплом ва туҳфаҳои пулӣ сазовор гардиданд.

Доварон озмунро натиҷагирӣ намуда, ба омодагӣ ва иштироки кормандони мақомот баҳои баланд доданд. Ҳамчунин дар анҷоми чорабинӣ ба ғолибони озмун аз ҷониби ҳайати доварон "Ифтихороноma" ва туҳфаҳои пулӣ тақдим карда шуд.

Номгӯи маводи иттилоотӣ, ки соли 2020 нашр карда шуданд

| р/т | Номи мавод | Теъдод | Сол |
|---|---|---|---|
| 1. | "Ахбори Ваколатдор" №4 (32) | 200 нусха | 2019 |
| 2. | "Ахбори Ваколатдор" №1 (33) | 200 нусха | 2020 |
| 3. | "Ахбори Ваколатдор" №2 (34) | 200 нусха | 2020 |
| 4. | "Ахбори Ваколатдор" №3 (35) | 200 нусха | 2020 |
| 5. | Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2019 | 300 нусха | 2020 |
| 6. | Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак барои соли 2019 | 300 нусха | 2020 |
| 7. | Буклет оид ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 50 нусха | 2020 |

**1.5. Натиҷаҳои амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020**

Яке аз санадҳои бонуфузи байналмилалӣ, ки ҳар панҷсола аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул карда мешавад, Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад. Дар асоси марҳилаи дуюми (барои солҳои 2010-2014) Барномаи умумиҷаҳонии мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020-ро қабул намуд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012, №678 тасдиқ шудааст.

Барномаи мазкур фарогири масъалаҳои таълими соҳаи ҳуқуқи инсон дар низоми маориф, курсҳои омӯзишӣ ва бозомӯзии муаллимон, судяҳо, хизматчиёни шаҳрвандӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ мебошад.

Ҷиҳати амалисозии Барнома аз ҳисоби намояндагони мақомоти дахлдор дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон таъсис дода шуда, марҳила ба марҳила нақшаҳои чорабиниҳо оид ба иҷрои Барнома таҳия ва тасдиқ гардиданд.

Аз ҷониби гурӯҳҳои кории Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ 17 барномаҳои соҳавӣ оид ба таълими ҳуқуқи инсон таҳия ва тасдиқ гардида, дар вазорату идораҳои дахлдор мавриди татбиқ қарор дода шуданд.

Бо мақсади мусоидат ба вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати амалисозии барномаҳои соҳавии тасдиқшуда солҳои 2017-2018 дар заминаи “Мактаби ҳуқуқи инсон” 15 нафар тренерон омода ва соҳиби сертификати “Тренер дар соҳаи ҳуқуқи инсон” гаштанд.

Аз ҷониби тренерони омодашуда дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиалҳои он дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд ва дар ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, Лахш, Ҳамадонӣ ва Фархор барои омӯзгорони фанни ҳуқуқи инсони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд. Ҳамзамон, чунин семинарҳо дар Маркази таълимии судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардиданд.

Таҷрибаи омодасозии тренерон дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар солҳои 2019-2020 идома дода шуда, бо мақсади тақвият додани донишҳои касбии кормандони масъули вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 34 нафар ба даври дуюми таҳсил дар “Мактаби ҳуқуқи инсон” фаро гирифта шуданд.

Дар доираи амалисозии Барнома даҳҳо адад адабиёти соҳаи ҳуқуқи инсон таҳия, тарҷума, омода ва бо теъдоди ҳазорҳо нусха нашр шуданд, ки дар пешбурди ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин баланд бардоштани маърифати

ҳуқуқии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, “Маҷмӯи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон” (1300 нусха), “Роҳнамо аз фанни ҳуқуқи инсон барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” (250 нусха), “Роҳнамо аз фанни ҳуқуқи инсон барои ихтисосҳои ғайриҳуқуқшиносӣ” (250 нусха), “Лоиҳаи барномаҳои таълимӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон” (50 нусха), буклетҳои “Намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон”, “Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон”, “Ҳуқуқ ба муроҷиат”, “Низоми сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Ҳуқуқҳои худро муҳофизат намо” ва “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон” (7000 нусха), маърӯзаҳои солонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак (ҳамсола 600 нусхагӣ), “Ахбори Ваколатдор” (ҳамасола 360 нусхагӣ) ва овезаи “Ҳуқуқи кӯдак ба ҳифзи саломатӣ” (500 нусха) таҳия, нашр ва дастрас карда шуданд.

Ҷиҳати иҷрои Барномаи мазкур вобаста ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар муассисаҳои давлатии телевизионӣ пахши мунтазами барномаҳои “Инсон ва ҳуқуқ”, “Маърифати ҳуқуқӣ”, “Минбари ҳуқуқ”, “Тоҷикистон ва ҷаҳон”, “Мурофиа”, “Қонун”, “Ҳуқуқи Шумо”, “Прокуратура”, “Додгоҳ” ва дар муассисаҳои давлатии радио барномаҳои “Ҳуқуқи ман”, “Посухи ҳуқуқшинос”, “Фурсати баён”, “Набзи сиёсат”, “Маърифати шаҳрвандӣ”, “Ҳамсадо”, “Тафсири рӯз”,

“Ҳуқуқи Шумо”, “Ҳадиси зан”, ”Меҳвар”, “Оила” ва “Муоширaт” ба роҳ монда шуданд.

Дар доираи барномаҳои мақсадноки соҳавӣ дар Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши фанни ҳуқуқи инсон дар курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос, таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ ва магистратура ба роҳ монда шудааст. Дар давоми татбиқи Барнома аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ дар якҷоягӣ бо Академияи идоракунии давлатӣ ва мақомоти давлатӣ 249 курси азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ бо фарогирии 10 810 (аз ҷумла 3 198 нафар занон) нафар хизматчиёни давлатӣ гузаронида шуд.

Ҳамчунин аз маълумотҳои пешниҳодшуда бармеояд, ки амалисозии барномаҳои соҳавии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Академияи ВКД, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа, Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлия, Донишкадаи такмили ихтисоси Прокуратураи генералӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтиос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи назди Вазорати маориф ва илм, Маркази таълимии судяҳои Суди Олӣ дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда шудааст.

Дар ин раванд баҳри дастрасии бештари аҳолӣ ба иттилоот дар самти ҳуқуқи инсон, хусусан амалигардонии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 дар Сомонаи расмии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон www.ombudsman.tj саҳифаи алоҳидаи “Таълим дар соҳаи

ҳуқуқи инсон” кушода шуда, маълумотҳои зарурӣ ҷой дода шудааст.

Мутаассифона дар соли 2020 бинобар паҳншавии бемории сироятии COVID-19 амалӣ гардонидани чанде аз бандҳои Барнома ғайриимкон гардида дар мувофиқа бо шарикони рушд иҷрои онҳо ба соли 2021 гузаронида шуд. Аз ҷумла, таҳияи китобҳои дарсӣ аз фанни “Ҳуқуқи инсон” ва Луғатномаи истилоҳоти соҳаи ҳуқуқи инсон бо забонҳои тоҷикӣ-русӣ-англисӣ пешбинӣ шудааст.

Баҳодиҳии натиҷаҳои амалисозии Барнома марҳила ба марҳила аз ҷониби коршиноси мустақили миллӣ таҳлил ва арзёбӣ гардида, баҳодиҳии ниҳоӣ дар семоҳаи якуми соли 2021 ба нақша гирифта шудааст.

Амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, ки дар миқёси давлатҳои Осиёи Марказӣ ягона мебошад, мавқеи Тоҷикистонро ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд боз ҳам қавитар намуд. Дар ин раванд мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти марбутаи давлатӣ низ дар самти таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон таҷрибаи кофӣ ба даст оварданд.

Ҳамзамон, мусаллам аст, ки татбиқи амалии чунин барномаҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ барои расидан ба Ҳадафи 4-уми Ҳадафҳои Рушди Устувор мусоидат менамояд.

**Бо мақсади рушди минбаъдаи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– таъмин намудани иҷрои бандҳои боқимондаи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, ки бинобар паҳншавии бемории сироятии COVID-19 иҷро нашуданд;***

***– дар вазорату идораҳои дахлдор идома додани амалисозии барномаҳои соҳавии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон;***

***– таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи Барномаи нави таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026.***

# II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф

Масъалаҳои ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (минбаъд - озодӣ аз шиканҷа ва муносибатҳои ғайриқонунӣ) дар санадҳои ҳуқуқии соҳавии байналмилалӣ ба танзим даровarда шудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти санадҳои соҳаи мазкурро ба тасвиб расонида, манъи шиканҷа ва ҷавобгарӣ барои онро дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ намудааст.

Тибқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад (моддаи 18). Бо мақсади дар амал татбиқ гаштани ин муқаррароти конститутсионӣ дар ҷумҳурӣ заминаҳои ҳуқуқӣ муҳайё гардида, амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ такмил дода мешавад.

Кумитаи зидди шиканҷа аз натиҷаи баррасии Гузориши сеюми даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ тибқи Конвенсияи зидди шиканҷа ба Тоҷикистон оид ба татбиқ накардани авф нисбати шахсони содирнамудаи ҷинояти шиканҷа, пурзӯр намудани ҷазо барои шиканҷа, мавриди баррасӣ қарор додани масъалаи ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба Протоколи

иловагии Конвенсияи зидди шиканҷа, таъсис додани механизми алоҳидаи самараноки тафтиши ҷиноятӣ ва таъқиби судӣ ва дигарҳо тавсияҳо пешниҳод намуд.

Масъалаи имконияти аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонидани Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа мавриди омӯзиш қарор дорад.

Соли 2020 ҷиҳати пешгирии шиканҷа ва татбиқи тавсияи Кумитаи зидди шиканҷаи Созмони Милали Муттаҳид аз натиҷаи баррасии Гузориши сеюми Тоҷикистон оид ба иҷрои Конвенсияи зидди шиканҷа ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаи 143[1] тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Тибқи тағйиру иловаҳои воридшуда ҷазои ҷарима хориҷ карда шуда, ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ пурзӯр карда шуд.

Дар самти пешгирии шиканҷа фаъолияти иттилоотию маърифатии мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва васоити ахбори омма тақвият ёфта, натиҷаҳои мусбӣ ба бор оварданд. Аз ҷумла, шумораи шикоятҳо ва ҳолатҳои тасдиқшудаи истифодаи шиканҷа сол аз сол кам шуда истодаанд. Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ вобаста ба эҳтимолияти шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона соли 2017 21 адад, соли 2018 48 адад, соли 2019 10 адад ва соли 2020 10 адад муроҷиатҳо ворид шудаанд.

Аз натиҷаи баррасии муроҷиатҳои дар соли 2020 воридгардида танҳо 1 (соли 2019 низ 1) ҳолат тасдиқ шуда, бо моддаи 143[1] қисми 2 банди “б” нисбати ду нафар шахси

мансабдор парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, барои моҳиятан баррасӣ намудан ба суд фиристода шудааст.

Аз рӯи маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ вобаста ба шиканҷа 1 парванда нисбати 3 нафар (соли 2019 2 парванда нисбати 4 нафар) баррасӣ шуда, парвандаи мазкур ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст.

Соли 2020 ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа ва дигар муносибатҳои ғайриқонунӣ 17 (с.2019 - 18) муроҷиат ворид гардидааст. Аз онҳо 5 адад оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа ва 2 адад оид ба эҳтимолияти истифодаи муносибатҳои ғайриқонунӣ ва 10 адад ба зӯроварӣ нисбати кӯдакон дахл доранд.

Муроҷиаткунандагон Н.О., У.А., Ш.А., Б.М. ва К.Ш. оид ба зимни дастгиркунӣ ва таҳқиқи парванда мавриди шиканҷа қарор гирифтанашон, инчунин андешида нашудани чораҳои дахлдор оид ба дастгир ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор шикоят намудаанд. Шикоятҳои мазкур тибқи тобеият таҳти назорати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба Прокуратураи генералӣ фиристода шуда, тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ ваҷҳҳои дар муроҷиатҳои баёншуда тасдиқи худро наёфтанд.

Ҳамчунин шаҳрвандон У.А. ва М.К. оид ба эҳтимолияти муносибати бераҳмона ва таҳқиркунандаи шаъну шарафашон муроҷиат намуданд. Масалан, муроҷиати шаҳрванд У.А. дар

хусуси аз ҷониби кормандони минтақавии минтақаи маъмурии милитсияи №3 Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе мавриди муомила бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф қарор гирифтанаш таҳти назорати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд. Тибқи иттилои мақомоти мазкур аз натиҷаи санҷиши гузаронидашуда нисбати сардори минтақавии минтақаи маъмурии милитсияи №3 Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе ва нозири минтақавии мазкур истеҳсолот дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан оғоз гардида, барои иҷро ба Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе ирсол карда шуд. Ваҷҳҳои дар муроҷиати шаҳрванд М.К. овардашуда тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ тасдиқи худро наёфтанд.

Боздид, санҷиш ва мониторингҳои мунтазам аз ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ яке аз чораҳои самараноки пешгирии шиканҷа мебошанд. Бо мақсади амалӣ намудани ин самти фаъолият дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Гурӯҳи мониторингӣ амал мекунад.

Зеркумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии шиканҷа, ба давлатҳои аъзо пешниҳод намудааст, ки «механизмҳои пешгирикунандаи миллӣ бояд мандати худро оид ба боздидҳо дар давраи пандемияи COVID-19 низ идома дода, ҳангоми иҷрои ин амалҳо маҳдудиятҳои

муқаррарşудаи қонунии фосилаи иҷтимоиро ба инобат гиранд».

Бо дарназардошти ин соли 2020 новобаста аз андешидани чораҳои маҳдудкунанда бо мақсади пешгирӣ аз паҳншавии бемории сироятии COVID-19 аз ҷониби Гурӯҳи мониторингӣ дар тавқифгоҳҳои нигоҳдошти мувақатии шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии дар ноҳияҳои Балҷувон, Шуғнон, Тоҷикобод, муассисаҳои ислоҳии ЯС 3/2, ЯС 3/5, ЯС 3/8, Тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/3-и Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия 7 мониторинг (с.2019 - 12) гузаронида шуд.

Мониторингҳо нишон доданд, ки вазъи нигоҳдорӣ дар муассисаҳои мазкур дар умум қаноатбахш аст. Ҳарчанд баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд. Масалан, дар тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатии шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияҳои Балҷувон, Шуғнон ва Тоҷикобод камбудиҳо аз қабили набудани дафтари алоҳидаи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, реҷаи рӯз, қуттӣ барои муроҷиатҳо, камераи мушоҳидавӣ дар ҷойи сайру гашти дастгиршудагон, овезаҳо дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дастгиршудагон ҷой доранд. Камбудиҳои дигари тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатӣ нарасидани кормандони соҳаи тиб ё пешбинӣ нашудани ин басти корӣ дар ҷадвали штатҳо, набудани ошхонаи алоҳида ва ҷудо нашудани маблағ барои хӯрока мебошад.

Дар Тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатии Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Тоҷикобод аз суҳбат бо

кормандон маълум гардид, ки баъзе дастгиршудагон зиёда аз 72 соат нигоҳ дошта шуда, дар вақти сармо ҳуҷраҳои ҷои хоби дастгиршудагон гарм карда намешаванд.

Зимни мониторинги тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/3 мавҷуд набудани қуттӣ барои муроҷиатҳо ва ба талабот ҷавобгӯ набудани ҷойи сайру гашт, дар муассисаҳои ислоҳии ЯС 3/8 холӣ будани воҳидҳои корӣ, набудани қуттӣ барои муроҷиатҳо, ба таъмир ниёз доштани хонаи модару кӯдак, дар ЯС 3/2 аз меъёр зиёд нигоҳ дошта шудани маҳкумшудагон ва холӣ будани воҳидҳои корӣ ва дар ЯС 3/5 мавҷуд набудани лавҳаи ҳуқуқҳои маҳкумшудагон, доруқуттӣ, таъмирталаб будани ҳаммом, нокифоя будани сатҳи ба кор таъмин шудани маҳкумшудагон ошкор гардиданд.

Аз натиҷаи мониторингҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба роҳбарони мақомоту идораҳои дахлдор гузоришу тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

Соли 2020 бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар самти озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати ғайриқонунӣ аз воситаҳои гуногун, аз қабили баромад дар васоити ахбори омма ва нашри мақола васеъ истифода карда шуданд. Аз ҷумла, дар Радиои Тоҷикистон дар мавзӯи «Вазъи ҳуқуқи инсон» баромад ва дар сомонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар мавзӯи “Ҳифзи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида» ва “Дар бораи шиканҷа чиро бояд донист?” мақолаҳо ҷой карда шуданд, ки дар онҳо масъалаҳои ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа

ва дигар намудҳои муносибати ғайриқонунӣ инъикос гардиданд.

**Бо мақсади беҳтар намудани амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар самти ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– ба тасвиб расонидани Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва таъсис додани механизми миллии пешгирии шиканҷа;***

***– таъмини тафтишоти сариваќтӣ, ҳаматарафа ва бегаразонаи тамоми муроҷиатҳо оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибатҳои бераҳмона;***

***– баланд бардоштани сатҳи огоҳонии аҳолӣ оид ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона;***

***– мутобиқ намудани шароити нигоҳдорӣ дар ҷойҳои пӯшида ва қисман пӯшида ба қоидаҳои стандартии ақали муносибат бо маҳкумшудагон;***

***– андешидани чораҳо оид ба такмили механизми баргузории мониторингҳо аз ҷониби Гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва зиёд намудани имконият, захираҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои гузаронидани мониторингҳои мунтазами муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида.***

## 2.2. Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили низоми иҷрои ҷазо, таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон пайваста чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Бо иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 дар асоси принсипҳои инсондӯстона, меҳру шафқат, ғамхорӣ ба оила ва кӯдакону наврасон 378 нафар маҳкумшуда бахшида шуда, онҳо аз адои минбаъдаи ҷазо озод гардиданд.

Ҳамчунин дар ин давра 399 нафар маҳкумшудагон бо адои пурраи ҷазо, 13 нафар шартан пеш аз муҳлат, 50 нафар бо татбиқи санади авф, 12 нафар бо тағйири ҳукм ва 5 нафар бо сабаби беморӣ озод карда шуда, 2 нафар ба корҳои ислоҳӣ ва 995 ба муассисаи сукунатӣ гузаронида шудаанд.

Соли 2020 Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои давраи то соли 2030 қабул карда шуд, ки амалисозии он барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, беҳтар намудани шароити хизматии ҳайати шахсӣ ва нигоҳдории маҳкумшудагон равона шудааст.

Тибқи маълумоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия дар тобеияти он 19 муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, аз ин 6 тавқифгоҳи тафтишотӣ ва 13 муассисаҳои ислоҳӣ фаъолият менамоянд.

Дар ин давра азнавсозӣ ва таъмиру тармими муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ идома дода шуданд. Аз ҷумла, соли 2020 дар муассисаҳои ислоҳии ЯС 3/4 ва ЯС 3/5 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия сеххои истеҳсолии коркарди оҳан, чӯбкорӣ ва мебел, дар муассисаи ислоҳии ЯС 3/2 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия сохтмони хумдони дуюми заводи истеҳсоли хишт бо иқтидори 380 ҳазор дона дар як ғунҷоишаш сохта ба истифода дода шуданд.

Ҳамчунин соли 2020 дар тамоми муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ нуқтаҳои радиошунавонӣ, шароити ибодат барои намояндагони дину мазҳабҳо, оби гарму хунук ва барқи доимӣ таъмин карда шудааст.

Бо мақсади пешгирии паҳншавии бемории сироятии COVID-19 дар муассисаҳои иҷрои ҷазо чорабиниҳои зиддиэпидемикӣ гузаронида шуда, мулоқотҳои маҳкумшудагон бо хешу таборон муваққатан манъ карда шуданд.

Ҷиҳати муайян намудани бемории ВНМО соли 2020 11860 нафар маҳкумшудагон аз ташхиси тестӣ гузаронида шуданд. Ба ҳолати 01 январи соли 2021 дар муассисаҳои иҷрои ҷазо 260 нафар гирифтори ВНМО ба қайд гирифта шудааст, ки 20 нафарашонро занон ташкил медиҳанд.

Дар тарбия, пардохти уҳдадориҳои қарзӣ ва таҳкими тартибу интизом дар муассисаҳо ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб намудани маҳкумшудагон нақши муҳим мебозад. Тибқи маълумоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия

соли 2020 2219 нафар маҳкумшуда ба меҳнат фаро гирифта шудаанд. Новобаста аз ин ҷалби маҳкумшудагон ба меҳнат беҳбудиро тақозо менамояд.

Баислоҳшавии маҳкумшудагон психологияи ҷиноятӣ таъсири манфии худро дорад. Яке аз роҳҳои пешгирии таъсири манфии он низоми "пробатсия" (низоми шартан маҳрум кардан аз озодӣ ва шартан озод кардан аз ҷазо) мебошад, ки дар давлатҳои пешрафта ташкил карда шудааст. Мутаассифона, то ҳол дар ҷумҳурӣ низоми мазкур таъсис дода нашудааст. Ташкил намудани низоми миллии мазкур имконият медиҳад, ки таъсири манфии психологияи ҷиноятӣ кам карда шуда, ҷазоҳои алтернативӣ, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нестанд ва ба коҳиш додани ҷазоҳои маҳрумӣ аз озодӣ мусоидат менамоянд, бештар татбиқ карда шаванд.

Тибқи маълумоти мақомоти прокуратура дар соли 2020 дар муассисаҳои ислоҳии ҷумҳурӣ 2742 нафар маҳкумшудагон барои вайрон кардани қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаҳо муҷозотонида шудаанд.

Дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳолатҳои фавти маҳкумшудагон ба назар мерасанд, ки онҳо боиси ташвиши наздикони онҳо мегардад. Тибқи маълумоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия дар соли 2020 дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 74 (соли 2019 58) нафар шахсони дар ин ҷойҳо

нигоҳдошташаванда бинобар сабабҳои беморӣ, аз ҷумла нафар бо ташхиси “илтиҳоби шадид шуш” вафот кардаанд.

Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон аз натиҷаи баррасии Гузориши даврии сеюми Тоҷикистон оид ба иҷрои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз вазъи муассисаҳои иҷрои ҷазо изҳори нигаронӣ карда, ба Тоҷикистон тавсия додааст, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо чораҳои самаранок андешад.

Мусоидат намудан ба риоя ва барқарорсозии ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мебошад. Дар ин самт Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо вазорату идораҳои дахлдор ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монда, дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида санҷишу мониторинг мегузаронад.

Соли 2020 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз муассисаҳои ислоҳии ЯС 3/1, ЯС 3/4, ЯС 3/8, ЯС 3/13 Тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/1-и Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия, Тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатии Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Балҷувон ва Муассисаи давлатии “Хона-интернат барои беморони руҳӣ” дар ноҳияи Восеъ боздид ба амал овард.

Дар рафти боздид шароити нигоҳдории шахсоне, ки дар ин муассисаҳо нигоҳ дошта мешаванд ва муносибати кормандони муассисаҳо бо онҳо, аз ҷумла ҷойи хоб, ҳуҷраҳои мулоқот, ошхона, чойхона ва ҷойҳои кории маҳкумшудагон

дидан намуданд. Шиносой бо шароити нигоҳдошти маҳкумшудагон нишон дод, ки дар доираи имкониятҳои мавҷуда, махсусан дар шароити паҳншавии бемории сироятии COVID-19 барои маҳкумшудагон шароитҳои хуб муҳайё шудааст.

Зимни боздид ба Муассисаи ислоҳии ЯС 3/8 ва Шуъбаи бемориҳои руҳии Беморхонаи шаҳри Норак ҷиҳати пешгирии бемории COVID-19 доруворӣ ва маводи тиббӣ (ниқоб, маҳлулҳои антисептикӣ, дастпушакҳои тиббӣ ва собун) дастрас карда шуд.

Аз натиҷаи боздидҳои муассисаҳои мазкур ҷиҳати беҳтар намудани шароити нигоҳдорӣ ба роҳбарияти муассисаҳо тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шуданд.

Инчунин соли 2020 кормандони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолияти муассисаҳои мазкурро мавриди санҷиш қарор доданд.

Санҷишҳо муайян намуданд, ки дар ин муассисаҳо баъзе камбудиҳо ҷой доранд. Масалан, дар Муассисаи ислоҳии ЯС 3/7 аз меъёр зиёд нигоҳ дошта шудани маҳкумшудагон, холӣ будани воҳидҳои корӣ, сатҳи пасти ба кор таъмин шудани маҳкумшудагон ва дар Муассисаи давлатии "Хона-интернат барои беморони руҳӣ"-и ноҳияи Восеъ бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намудан, таъмирталаб будани ҷойҳои истироҳати бошандагон, набудани камераҳои мушоҳидавӣ ва лавҳаи ҳуқуқҳои бошандагон ба назар расиданд.

Аз натиҷаи санҷишҳо ҷиҳати бартарафсозии камбудиву норасоиҳои ҷойдошта ба роҳбарони ҳамаи муассисаҳое, ки вазъи ҳуқуқи инсон дар онҳо мавриди санҷиш қарор гирифтанд ва дигар мақомоту идораҳои дахлдор тавсияҳо пешниҳод гардиданд.

Соли 2020 аз ҷониби наздикони маҳкумшудагон ва худи онҳо ба Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 25 муроҷиат (соли 2019 - 18) ворид гардиданд.

Мазмуни асосии муроҷиатҳоро масъалаҳо оид ба мусоидат намудан барои ба табобат фаро гирифтани маҳкумшуда, озод намудани маҳкумшуда аз адои ҷазо бинобар вазъи саломатӣ, бахшиши ҷазо, таъин намудан ба сифати ҳимоятгар, кам кардани мuҳлати адои ҷазо, вохӯрӣ бо маҳкумшуда, гузаронидан аз муассисаи ислоҳии ФР ба муассисаи ислоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, огоҳӣ ёфтан аз вазъи саломатии маҳкумшуда, пеш аз мuҳлат аз адои ҷазо озод намудани маҳкумшуда, норозигӣ аз ҷазои таъиншуда ва дигарҳо ташкил мекунанд.

Аз муроҷиатҳои воридшуда 14 адад тибқи тааллуқдорӣ ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол гардида, 4 адад дар Дастгоҳи мақомот ва 7 адади онҳо дар ҷояш санҷида шуд. Аз ҷумла бо мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 6 муроҷиат ба манфиати муроҷиаткунандагон мусбӣ ҳал карда шуд.

Масалан, ба шаҳрвандон Ф.С. ва Н.Ҳ. барои вохӯрӣ намудан бо наздикони маҳкумшудаашон, шаҳрвандон Д.Б. ва

Ш.А. барои огоҳӣ ёфтан аз вазъи саломатии маҳкумшудагон ва дастрас намудани маводи доруворӣ ва шаҳрванд Ш.Б. барои аз муоинаи тиббӣ ва ташхиси ултрсадоӣ гузаронидани бародараш - маҳкумшуда А.Б. мусоидат карда шуд.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандони 8 муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида дар мавзӯҳои «Пешгирии терроризм ва ифротгароӣ дар байни ҷавонон», «Пешгирии шиканҷа ва дигар муносибатҳои ғайриқонунӣ» ва «Ҳуқуқҳои дастгиршудагон ва маҳкумшудагон» мизҳои мудаввар гузаронида шуданд. Дар ин чорабиниҳо зиёда аз 200 нафар кормандони муассисаҳои зикршуда иштирок намуданд.

Соли 2020 оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида 2 баромад дар Радиои Тоҷикистон ва 3 маводи таҳлилӣ дар сомонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъмин карда шуданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– беҳтар намудани шароити моддӣ-техникии ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ;***

***– андешидани чораҳо оид ба таъсис додани ҷойҳои кории иловагӣ барои маҳкумшудагон;***

***– беҳтар ба роҳ мондани хизматрасониҳои тиббӣ ба маҳкумшудагон;***

***– андешидани чораҳо оид ба озод намудани маҳкумшудагони мубталои бемориҳои вазнин, ки монеаи адои ҷазо шуда метавонанд;***

***– пурзӯр намудани чораҳои пешгирии бемориҳои сил, ВИЧ-инфексия, COVID-19 дар байни маҳкумшудагон ва назорати табобати онҳо;***

***– тақвият додани фаъолияти гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон.***

### 2.3. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот

Ҳуқуқи шаҳрвандон ба иттилоот дар моддаи 25 Конститутсия кафолат дода шуда, дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот”, “Дар бораи иттилоотонӣ”, “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма”, “Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи сирри давлатӣ» танзим гардидааст.

Санадҳои мазкур масъалаҳои вобаста ба дастрасӣ ба иттилоот, озодии васоити ахбори омма, шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ, таъмини махфияти мукотиба ва ғайраҳоро ба танзим даровarda, ба шаҳрвандон ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооте, ки дар ихтиёри мақомоти давлатӣ қарор доранд, ҳуқуқу уҳдадориҳои дархосткунанда ва пешниҳодкунандаи иттилоот, тартиби баррасӣ ва қонеъ гардонидани дархост, рад кардан аз пешниҳоди иттилоот ва дигарҳоро пешбинӣ менамоянд.

Дар ҷумҳурӣ ҳамаи шароит барои таъмини озодии воқеии сухан, гуногунандешии ақида, озодона баён намудани ақида фароҳам оварда шудааст. Тибқи маълумоти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2021 дар ҷумҳурӣ 376 рӯзнома (112 давлатӣ ва 264 ғайридавлатӣ), 245 маҷалла (114 давлатӣ ва 131 ғайридавлатӣ), 11 агентии иттилоотӣ (1 давлатӣ ва 10 ғайридавлатӣ) мавҷуд мебошанд.

Яке аз воситаҳои дастрасӣ ба иттилоот баргузории нишастҳои матбуотӣ мебошад, ки дар ҷумҳурӣ тибқи амри

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2011 №АП-1729 ва нақшаҳои мушаххас гузаронида мешаванд. Дар ҷараёни нишастҳои матбуотӣ мақомоту идораҳои давлатӣ 2 маротиба дар давоми сол аз натиҷаи фаъолияти худ тавассути намояндагони васоити ахбори омма ба аҳолӣ иттилоот пешниҳод мекунанд.

Ҳамзамон баргузор намудани нишастҳои матбуотӣ ҳамкориҳои пайвастаи вазорату идораҳо ва воситаҳои ахбори оммаро густариш медиҳад.

Дар замони муосир шабакаи интернет яке аз сарчашмаҳои муҳими ба даст овардани иттилоот ба шумор меравад. Ҳануз соли 2012 Созмони Милали Муттаҳид ҳуқуқи дастрасӣ ба интернетро ҳамчун ҳуқуқи ҷудонашавандаи инсон эътироф намуда буд. Дар ҷумҳурӣ сатҳу сифати хизматрасонии интернет ва дастрасӣ ба он сол то сол беҳтар мегардад.

Тавре аз маълумоти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд шумораи умумии муштариёни интернет (интернети мобилӣ ва маҳаллӣ) дар соли 2020 3 338 329 ададро ташкил менамояд. Аз ин шумора 3,3 млн. нафарро истифодабарандагони фаъоли Интернет ташкил медиҳанд, ки назар ба соли 2019 300 ҳазор нафар зиёд гардидаанд. Соли 2020 суръати воридшавии интернет ба ҷумҳурӣ ба 70,0 Гбит/сония расонида шуд. Ин нишондод дар соли 2019 20,0 Гбит/сонияро ташкил мекард. Шумораи умумии истифодабарандагони алоқаи мобилӣ бошад дар соли

2020 6 678 526 нафарро ташкил дод, ки аз онҳо 4 583 668 нафарашон муштариёни фаъол мебошанд.

Дар баробари пешравиҳо дар самти амалишавии ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ҳанӯз ҳам баъзе душвориҳо ҷой доранд.

Аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор вайронкунии мухлатҳои пешниҳоди иттилоот, иттилооти нопурра, саривақт вокуниш нишон надодан ба дархостҳои васоити ахбори омма, мураккаб будани расмиёти гирифтани иттилоот аз мақомоти давлатӣ, инчунин сатҳи нокифояи огоҳии аҳолӣ дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва набудани маълумоти кофӣ дар сомонаҳои мақомоти давлатӣ мушкилоти асосии самти мазкур мебошанд.

Мувофиқи маълумоти Ассотсиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон (АМВАОМТ) соли 2020 аз 60 дархосте, ки онҳо ба ниҳодҳои давлатӣ оид ба дастрас намудани маълумотҳои зарурӣ ирсол намудаанд, ба 48 адади он посух гирифтаанд. Посухҳои гирифташуда ҳам чандон қонеъкунанда набуда, умумӣ, нопурра, бе факту рақамҳо, ҳаволакунанда ба дигар сарчашмаҳо ва берун аз мавзӯи дархостшаванда мебошанд.

Ҳамзамон аз маълумоти АМВАОМТ бармеояд, ки мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма”-ро сарфи назар карда, ба дархостҳои журналистӣ саривақт ҷавоб намегардонанд.

Барои рад намудани додани маълумот ба шаҳрванд (моддаи 148) ва монеъ шудан ба фаъолияти қонунии касбии журналистон (моддаи 162) дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст. Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ соли 2020 аз рӯи моддаҳои 148 ва 162 Кодекси ҷиноятӣ парванда оғоз карда нашудааст.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки барои пешниҳод накардани иттилоот дар дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ пешбинӣ нашудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” муҳлати дар сӣ рӯзи тақвимӣ пешниҳод намудани ҷавоби дархости иттилоотиро пешбинӣ намудааст, ки зиёд мебошад. Ин меъёр ба фаврияти пахши иттилоот монеъ ва сабаби аз байн рафтани муҳимияти иттилооти дархостшаванда мегардад.

Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон аз натиҷаи баррасии Гузориши даврии сеюми Тоҷикистон вобаста ба иҷрои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар хусуси монеаҳо вобаста ба дастрасии иттилооте, ки мақомоти давлатӣ дар ихтиёри худ доранд ва дар муҳлатҳои муайяншуда пешниҳод накардани вокуниш ба дархостҳои васоити ахбори омма нигаронӣ намуда, ба Тоҷикистон тавсия додааст, ки ҷиҳати бартараф намудани онҳо чораҳои самаранок андешад.

Мусоидат ба риояи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мебошад.

Дар самти мазкур мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон корҳои муайянро ба сомон расонидааст. Аз ҷумла, соли 2020 бо мақсади муайян намудани дастрасии умум ба иттилоот фаъолияти сомонаҳои Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор, ноҳияи Сино ва И.Сомонии шаҳри Душанбе мавриди мониторинг қарор дода шуд.

Дар доираи мониторингҳои мазкур мутобиқати сомонаҳои мақомоти зикршуда ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет» соли 2017, №344, ки мавҷудияти маълумотҳои дахлдор, пуррагии иттилооти пешниҳодшаванда, муҳимияти иттилоотро талаб менамояд, мавриди таҳлил қарор дода шуд.

Натиҷаи мониторинги сомонаҳои Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор, ноҳияҳои Сино ва И.Сомонии шаҳри Душанбе нишон доданд, ки дар фаъолияти онҳо баъзе камбудиҳо, аз ҷумла кофӣ набудани маводи иттилоотӣ ва маълумот дар бораи фаъолияти мақомот, нопурра будани қонунгузории танзимкунандаи фаъолият, фаъол будани

сомонаҳо бо забони тоҷикӣ, қисман фаъол будани саҳифаи русии онҳо, фаъол набудани саҳифаи англисӣ, мавҷуд набудани модули "Пурсишҳо", "Овоздиҳӣ (опрос)", "Саволи худро равон кунед" ҷой доранд.

Аз натиҷаи мониторинги сомонаҳои мазкур ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳо ба мақомоти зикршуда тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шуданд.

Соли 2020 дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот 3 мурочиат ба қайд гирифта шудааст. Аз ҷумла, адвокат Б.Қ. ба манфиати Р.А. дар хусуси нагирифтани ҷавобҳои расмӣ аз Прокуратураи шаҳри Душанбе, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони вилояти Волгоградӣ Федератсияи Россия дар бораи гирифтани иттилоот дар хусуси доштани шаҳрвандии Ч.И. ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони вилояти Челябински Федератсияи Россия дар бораи гирифтани иттилоот оид ба дархости Шуъбаи политсияи Идораи тафтишотии Раёсати Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия дар шаҳри Челябинск мурочиат намуданд.

Бо мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ваколатдорони ҳуқуқи инсони зикргардида маълумоти дахлдор фиристода шуданд.

Дар самти мазкур соли 2020 кормандони мақомот дар мизи мудаввари САХА дар мавзӯи "Дастрасӣ ба иттилоот яке самтҳои афзалиятноки Стратегияи фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2016-2020" иштирок ва

баромад намуданд. Инчунин дар Радиои Тоҷикистон дар мавзӯи “Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” баромад ташкил карда шуд.

Бо мақсади таъмин намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот дар бораи пандемияи COVID-19, пешгирӣ аз паҳншавии он, дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар ҷанбаҳои ин беморӣ дар сомонаи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон маводи дахлдор ҷой дода шуд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқ ба дастрасӣ ба иттилоот чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:**

***– такмили қонунгузорӣ дар самти ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот;***

***– содда намудани расмиёти гирифтани иттилоот дар мақомоти давлатӣ;***

***– баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот;***

***– мутобиқ намудани мазмуну муҳтавои сомонаҳои мақомоти давлатӣ ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти мазкур ва ба таври доимӣ нав намудани иттилоот дар онҳо.***

## 2.4. Ҳуқуқи инсон ба интихобот

Дар ҷумҳурӣ заминаҳои ҳуқуқии ба таври демократӣ ва шаффоф баргузор намудани интихобот фароҳам оварда шудааст.

Ҳуқуқи интихобот, ки дар моддаҳои 6 ва 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, шакли ифодаи озоди иродаи халқ ва иштироки он дар раванди сиёсӣ ба шумор меравад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи интихобот - қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ва дигарҳо кафолати ҳуқуқи интихоботро тақвият дода, шаффофият ва дастрасии озоди овоздиҳиро пешбинӣ менамоянд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 ба таври демократӣ ва озоду шаффоф баргузор намудани интихобот яке аз вазифаҳои муҳими давлат эътироф шуда, аз ҳар фарди ҷомеа тақозо карда шуд, ки дар гузаронидани ин чорабиниҳои сиёсӣ фарҳанги баланди сиёсӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносиро нишон диҳанд.

Ҳамчунин аз натиҷаи баррасии Гузориши даврии сеюми Тоҷикистон оид ба иҷрои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (соли 2019) Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон ба Тоҷикистон ҷиҳати амалишавии пурраи ҳуқуқи ҳамаи шаҳрвандон барои иштирок дар идораи давлат ва ташаккули плюрализми сиёсӣ тавсия дода шудааст.

Соли 2020 дар ҷумҳурӣ ду маъракаи сиёсӣ – интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардиданд.

Интихоботи даъвати нави Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 марти соли 2020 дар сатҳи баланд, тариқи деморатӣ гузаронида шуд, ки дар он Ҳизби Аграрии Тоҷикистон, Ҳизби Демократи Тоҷикистон, Ҳизби Ислоҳоти Иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон, Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби Сосиал-Демократи Тоҷикистон ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Дар натиҷаи интихобот ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҳизби Аграрии Тоҷикистон 4 нафар, Ҳизби Демократии Тоҷикистон 1 нафар, Ҳизби Ислоҳоти Иқтисодии Тоҷикистон 4 нафар, Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон 1 нафар, Ҳизби Халқии

Демократии Тоҷикистон 12 нафар ва аз ҳавзаҳои якмандатӣ интихоботӣ 41 нафар мандати вакилиро соҳиб шуданд.

Дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ дар маҷмӯъ 4 миллиону 245 ҳазору 951 нафар интихобкунандагон иштирок намуданд, ки ин 86,4 фоизи шумораи умумии интихобкунандагонро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин 11 октябри соли 2020 интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он 4 миллиону 238 ҳазору 839 нафар, ки 85,44 фоизи интихобкунандагонро ташкил медиҳад, иштирок намуданд. Дар натиҷаи интихоботи президентӣ аз миёни 5 номзад бо гирифтани 3 миллиону 853 ҳазору 987 овози интихобкунандагон, ки 90,92 фоизи интихобкунандагонро ташкил медиҳад Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихобшуда ҳисобида шуданд.

Дар маъракаи интихоботи Президенти Тоҷикикистон беш аз 122 нафар мушоҳидони байналмилалӣ иштирок намуданд. Тибқи изҳороти мушоҳидон аз Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай интихобот дар фазои озод, шаффоф ва демократӣ баргузор гардид.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар давраи омодагӣ ва раванди интихобот бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқи шаҳрвандон ва мониторинги рафти интихобот корҳои муайянро ба сомон расонид.

Аз ҷумла, бо мақсади шиносоӣ аз рафти омодагӣ ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарият ва кормандон мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон қабл аз баргузории интихоботи президентӣ аз ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботии шаҳри Ваҳдат, ноҳияҳои И.Сомонӣ, Фирдавсӣ ва Шоҳмансури шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Панҷ, Дӯстӣ, Сангвор ва Мурғоб боздид намуданд.

Зимни боздидҳо бо раисони ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ оид ба ҷараёни омодагӣ ба ин маъракаи муҳими сиёсӣ суҳбатҳо доир намуда, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани шароит барои овоздиҳии шаҳрвандон тавсияҳо доданд.

Дар доираи ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин миссияҳои мушоҳидон рӯзи 28 феврали соли 2020 бо таҳлилгари Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони САҲА хонум Мерсер Кастелс Винсент ва рӯзи 08 октябри соли 2020 бо Ҳайати арзёбии интихоботи Дафтари САҲА оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон - Михаела Сивич - таҳлилгар оид ба масъалаҳои интихобот ва Марианна Скопа - таҳлилгар оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ вохӯриҳо гузаронида шуданд.

Зимни вохӯриҳо рафти омодагӣ ба интихобот, гузаронидани интихоботи шаффоф, озод ва демократӣ ва

нақши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ин самт мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани огоҳии шаҳрвандон дар ин самт соли 2020 кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар мавзӯи “Ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон” ду маротиба дар васоити ахбори омма баромад намуданд. Инчунин дар сомонаи мақомот маводҳои таҳлилӣ нашр карда шуданд.

Раванди интихоботро қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ба танзим медароранд. Таҳлили қонунгузории давлатҳои алоҳида, аз ҷумла Ӯзбекистон, Озорбойҷон, Грузия, Белорусия ва дигарҳо нишон медиҳад, ки масъалаҳои вобаста ба интихоботро Кодекси интихоботӣ ба танзим медарорад. Аз ин лиҳоз ҷиҳати такмил додани қонунгузории миллӣ дар самти интихобот омӯзиши масъалаи таҳия ва қабули Кодекси интихоботӣ мувофиқи мақсад аст.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи таъмини ҳуқуқи инсон ба интихобот тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар самти амалисозии ҳуқуқ ба интихобот;***

***– омӯзиши масъалаи таҳия ва қабули Кодекси интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон;***

***– амалисозии тавсияҳои сохторҳои дахлдори Созмони Милали Муттаҳид оид ба интихобот.***

## 2.5. Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар замони муосир хусусияти глобалӣ пайдо намуда, ба ин раванд миллионҳо сокинони сайёра фаро гирифта шудаанд. Айни ҳол шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ 225 млн нафарро ташкил медиҳад. Тибқи таҳқиқоти Созмони Милали Муттаҳид то соли 2050 теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷаҳон бо 405 миллион нафар хоҳад расид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин раванд дар канор набуда, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ пайваста тадбирҳо меандешад.

Тоҷикистон ҳануз соли 2011 ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ҳамроҳ шуда, қонунгузории худро ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ намудааст.

Раванди муҳоҷирати меҳнатӣ омилҳои мусбӣ ва манфии худро дорад. Агар аз як тараф муҳоҷират боиси аз худ кардани касбу ҳунарҳои муосир ва беҳтар шудани вазъи молиявии муҳоҷирони меҳнатӣ гардад, аз ҷониби дигар ба вайроншавии ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо оварда мерасонад.

Соли 2020 пандемияи коронавирус COVID-19 ба тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла ба раванди муҳоҷирати меҳнатӣ мушкилоти ҷиддӣ ворид

намуда, ба фаъолият ва рафту омади муҳоҷирони меҳнатӣ таъсири манфӣ расонид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар давраи пандемияи COVID-19 чораҳои фаврӣ андешид. Аз ҷумла, зимни сафари расмӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба шаҳри Москва бо Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси федералии Федератсияи Россия, муовини Раиси Думаи давлатии Федератсияи Россия, муовини Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия ва Раиси шаҳри Москва мулоқот доир намуда, масъалаҳои марбут ба раванди муҳоҷирати меҳнатиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Нақши диаспораҳои тоҷик дар дастгирӣ ва ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ дар давраи паҳншавии бемории коронавирус COVID-19 назаррас мебошад. Аз ҷониби диаспораҳо ва шахсони саховатманд ба муҳоҷироне, ки дар вазъи бади рӯҳӣ ва иқтисодӣ дар хориҷа қарор доштанд, ҳамаҷониба кумак карда шуд.

Ҷиҳати беҳтар намудани вазъи буду боши муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар давраи пандемияи коронавирус аз ҷониби Ҳукумати Федератсияи Россия марҳила ба марҳила қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд. Аз ҷумла, муҳлати будубоши шаҳрвандони хориҷӣ, бо назардошти қайди муваққатӣ ва гирифтани патент барои фаъолияти меҳнатӣ то 15 декабри соли 2020 дароз карда шуд.

Ҳамчунин нисбати шаҳрвандони хориҷие, ки будубоши онҳо ғайримақсаднок эътироф шудааст, амалҳои берункунии маъмурӣ аз ҳудуди Федератсияи Россия, ихроҷкунӣ ё реадмиссия муваққатан то 15 декабри соли 2020 боз дошта шуд. Дар баробари ин аз 7 сентябри соли 2020 ба қонунгузории муҳоҷирати Федератсияи Россия тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, тибқи он шаҳрвандони хориҷие, ки дар ҳудуди Федератсияи Россия манзили истиқоматии шахсӣ доштанд, метавонанд ба ҳайси тарафи қабулкунанда иштирок намуда, дигар шаҳрвандони хориҷиро дар қайди манзили зисташон гузоранд.

Бо мақсади таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ ва тақвияти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо соли 2020 дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории байниидоравӣ ҷиҳати такмили лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муҳоҷират” дар таҳрири нав таъсис дода шуда, айни замон лоиҳа дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Дар соли 2020 тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ аз ҷумҳурӣ 129 807 нафар ба хориҷи кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар намудаанд, ки 117 912 нафари онҳо ба Федератсияи Россия ва 4 574 нафарашон ба Ҷумҳурии Қазоқистон рост меояд. Ин шумора дар таносуб ба соли 2019 76 фоиз коҳиш ёфтааст.

Аз ҷониби Муассисаи давлатии “Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа” соли 2020 дар ҳамкорӣ бо кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ 328 нафар аз ҷумла, ба Федератсияи Россия 266 нафар, Ҷумҳурии Қазоқистон 23 ва Ҷумҳурии Полша 39 нафар фиристода шуданд.

Ҳамчунин вобаста ба дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан бозгашта ва мутобиқсозии онҳо ба бозори меҳнати дохили кишвар аз ҷониби мақомоти ваколатдори соҳа пайваста чораҷуӣ карда мешавад. Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ соли 2020 ба мақомоти мазкур 3 230 нафар муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан бозгашта муроҷиат намуданд, ки аз онҳо 2 904 мард ва 326 зан мебошанд. Дар натиҷаи баррасии муроҷиатҳо 546 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин, 801 нафар ба тайёрии касбӣ ва 186 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок фаро гирифта шуда, ба 202 нафар қарзи имтиёзнок барои соҳибкорӣ ва 1 495 нафар машварати касбӣ дода шуд.

Мусоидат намудан ба ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон буда, дар ин самт як қатор чораҳо андешида шуданд. Аз ҷумла, аз натиҷаи таҳлили васоити ахбори омма вобаста ба вазъи буду боши муҳоҷирони меҳнатӣ дар ФР ҷиҳати дастгирӣ ва ҳимояи онҳо моҳи апрели соли 2020 ба унвонии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи

инсон дар Федератсияи Россия Москалкова Т.Н. дархост ирсол карда шуд.

Дар ин раванд соли 2020 онлайн-вохӯрии Ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсони кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардид, ки дар он вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ, мушкилотҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Зимни онлайн-вохӯрӣ вобаста ба вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ табодули афкор сурат гирифта, таҷрибаи ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсони давлатҳои Осиёи Марказӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Ҳамчунин бо ташаббуси Созмони Байналмилалии Муҳоҷират дар мавзӯи “Паст намудани оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии падемияи коронавирус ба вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ” онлайн - семинар баргузор гардид, ки дар он таҷрибаи давлатҳо дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар даврai паҳншавии бемории COVID -19 мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Ҳамзамон Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон соли 2020 ҷиҳати беҳтар намудани вазъи муҳоҷирони меҳнатии баргашта ва дастгирии иҷтимоии онҳо дар ноҳияҳои Ҷ.Балхӣ, Панҷ, Дӯстӣ, Балҷувон ва Восеъ вохӯриҳо доир карда, ба кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тавсияҳои дахлдор пешниҳод намуд.

Соли 2020 аз ҷониби кормандони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолияти бахши Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар ноҳияи Ашт мавриди санҷиш қарор дода шуд. Санҷиш нишон дод, ки дар ноҳияи Ашт 6 087 мард ва 729 зан, ҳамагӣ 6 816 нафар сокинон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд. Дар ноҳия соли 2020 аз ҳисоби муҳоҷирони баргашта, ки 1174 нафарро ташкил медиҳанд, ҳамагӣ 12 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин шудаанд.

Аз ҷониби шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия ба 12 нафар шахсоне, ки вурудашон ба ҳудуди Федератсияи Руссия манъ карда шудааст, мақоми бекорӣ дода шуда, ҳамчун корҷуй ба қайд гирифта шудаанд. Ба онҳо қарзҳои имтиёзнок барои соҳибкорӣ, чорводорӣ, коркарди меваи хушк ва ривоҷи ҳунарҳои мардумӣ дода шудааст. Аз натиҷаи санҷиш тавсияҳои дахлдор пешниҳод гардиданд.

Ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон соли 2020 аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо 3 мурофиати электронӣ ворид шудааст. Мурофиатҳо саривақт баррасӣ гардида, дар ҳалли мушкилоти мурофиаткунандагон мусоидат карда шуд. Масалан, шаҳрвандон М.Н., Н.Р ва Ф.И. ки дар ФР дар вазъияти бади иқтисодӣ қарор доштанд, бо мусоидат Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳамкорӣ бо Сафорати Тоҷикистон дар ФР ба ватан баргардонида шуданд.

Инчунин соли 2020 кормандони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар радиои Тоҷикистон дар мавзӯъҳои “Риоя ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ дар давраи пандемияи COVID-19”, “Маҳдудиятҳои ҷоринамудаи давлатҳои қабулкунандаи

муҳоҷирони меҳнатӣ вобаста ба пешгирии пандемияи COVID-19” ва “Ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ” баромад намуданд. Ҳамзамон дар сомонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар мавзӯи “Таъсири манфии пандемияи COVID-19 ба вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ”, “Рассмотрение вопросов прав человека в период пандемии COVID-19” ва “Танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар қонунгузории муҳоҷирати Федератсияи Россия” маводҳои таҳлилӣ нашр гардиданд. Мақолаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Бобозода бошад, дар Маҷаллаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони Федератсияи Россия зери номи “Деятельность Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан в обепечение прав человека в условиях всемирной пандемии” аз чоп баромад.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи муҳоҷирони маҳнатӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– тезонидани раванди қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират»;***

***– тақвият додани корҳо дар самти муташаккилона фиристодани муҳоҷирони меҳнатӣ барои кор ба хориҷи кишвар;***

***– андешидани тадбирҳо оид ба реинтегратсияи муҳоҷирони меҳнатии баргашта ба иқтисодиёти кишвар;***

***– андешидани тадбирҳо ҷиҳати мусоидат ба авфи муҳоҷирони меҳнатие, ки воридшавиашон ба кишварҳои қабулкунанда манъ шудааст;***

***– беҳтар намудани ҳамкориҳо бо ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсони давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва диаспораҳои тоҷик.***

## 2.6. Ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият

Ҳифзи ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият, яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар ин самт пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Соли 2018 Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон ба имзо расонида шуда, 27 феврали соли 2020 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон қабул гардида, амалӣ шуда истодааст.

Тибқи маълумоти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2020 теъдоди нафақагирони маъюбиятдошта 153 556 нафар буда, соли 2020 шумораи онҳо 3 852 нафар (с.2019 - 149 704) ё 2,5 фоиз зиёд шудааст.

Аз 1 сентябри соли 2020 ҷиҳати амалисозии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андозаи ҳадди ақалли нафақа барои 14 997 нафар маъюбони гурӯҳҳои I ва II, ки аз кӯдакӣ кор намекунанд 50 фоиз зиёд карда шуда, андозаи он аз 180 сомонӣ ба 283,5 сомонӣ расонида шуд.

Паҳншавии беморији коронавирус COVID-19 ба вазъи иҷтимоии шахсони дорои маъюбият низ таъсири манфӣ

расонид. Бо назардошти ин тадбирҳои саривақтӣ андешида шуда, 5 июни соли 2020 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии таъсири бемории COVID-19 ба соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва 11 июли соли 2020 қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуданд. Дар асоси санадҳои мазкур ба 2 65 749 нафар шахсони эҳтиёҷманд ба андозаи 400 сомонӣ кӯмакпулии якдафъаина пардохт карда шуд, ки маблағи умумии онҳо 107,1 млн. сомониро ташкил дод.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сифати хизматрасонии иҷтимоӣ ба эҳтиёҷмандон фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ пайваста такмил дода мешавад. Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ айни ҳол дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 108 ташкилоту муассисаҳои соҳавӣ амал мекунанд, ки ба шахсони дорои маъюбият ёрии иҷтимоӣ мерасонанд. Аз ҷумла, дар 7 муассисаи будубоши доимӣ 1 157 нафар ва дар 6 марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ 1008 нафар маъюбон ва пиронсолон фаро гирифта шудаанд.

Ҷиҳати расонидани хизматрасонии иҷтимоӣ дар миқёси ҷумҳурӣ 43 адад шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо фаъолият менамоянд, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ карда шуда, шумораи истифодабарандагони онҳо 5365 адад ва шумораи кормандони иҷтимоӣ дар ин шуъбаҳо 580 ададро ташкил медиҳанд.

Бо мақсади беҳтар гардонидани солимии аҳолӣ ва тавонбахшии маъюбон дар низоми Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 4 адад осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои соҳавӣ фаъолият мекунанд, ки метавонанд дар ҳар як мавсим то 1 531 нафарро фаро гирифта, дар як баст 320 ниёзмандро қабул намояд.

Фароҳам овардани шароити корӣ барои шахсони дорои маъюбиятро қонунгузории миллӣ кафолат додааст. Дар баробари ин ба шахсони дорои маъюбият якчанд имтиёзҳо, аз ҷумла ҷалб накардан ба корҳои вазнин, дар шароити зараровар ва хатарнок, ихтисор кардани давомнокии вақти корӣ, ҷалб накардан бе розигии шахси дорои маъюбият ба кори шабона ва ғайраҳо мебошанд. Дар баробари ин ташкилотҳое, ки дар он зиёда аз 50 фоиз маъбон кор мекунанд, аз андоз озод карда мешаванд.

Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ соли 2020 дар доираи амалисозии Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ 195 нафар маъюб ва 1 387 нафар шахсони яккаву танҳо ва шахсоне, ки дар тарбияашон кӯдакони ноболиғ ва маъюб доранд, бо кор таъмин шуданд.

Ҳамзамон дар самти таъмини шахсони дорои маъюбият бо кор баъзе мушкилот ҷой доранд. Каммузд будани ҷойҳои кории пешниҳошаванда, риоя нагардидани квотаҳои муқарраршуда, мутобиқ набудани шароити муосири корӣ ва нокифоя будани маърифати ҳуқуқии шахсони дорои маъюбият аз ҷумлаи чунин мушкилот мебошанд.

Ҷиҳати таъмини эҳтиёҷоти маъюбон бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ соли 2020 ба маблағи 4 433 412 сомонӣ (с.2019 - 1 300 000) маҳсулот истеҳсол гардидааст. Ҳарчанд истеҳсоли воситаҳои техникии тавонбахшӣ зиёд шуда бошанд ҳам, сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда беҳбудиро талаб мекунад.

Барои мусоидат ба риояи ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе низ пайваста чораандешӣ карда мешавад. Масалан солҳои охир шумораи зиёди автобус ва тролейбусҳои мусофиркашони замонавӣ ба пойтахти ҷумҳурӣ ворид гардиданд, ки қонеъкунандаи эҳтиёҷоти шахсони дорои маъюбият мебошад.

Новобаста аз чораҳои андешидашуда дар самти мазкур баъзе мушкилот ҷой дорад. Дар марказҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ бо таҷҳизоти махсус муҷаҳҳаз нагардида, аксарияти чароғакҳо ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ нестанд, инфрасохтори иҷтимоӣ бо аломатҳои роҳ таъмин набуда, роҳравҳо бо дастқапак ва пандус муҷҷаҳаз гардонида нашудаанд.

Тибқи иттилои Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 вобаста ба арзёбии дастрасии шахсони дорои маъюбият ба биноҳои инфрасохторӣ якчанд санҷишҳо гузаронида шуда, 43 ҳолати риоя нагардидани талаботи қонунгузорӣ ошкор шудааст.

Ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта 23 амрнома ва як санад тартиб дода шуда, нисбати 11 нафар ҳуқуқвайронкунанда ба маблағи 30 160 сомонӣ ҷарима таъин карда шудааст. Бо мақсади баланд бардоштани масъулияти ширкатҳои сохтмонӣ дар самти таъмин намудани муҳити дастрас барои шахсони дорои маъюбият соли 2020 озмуни "Беҳтарин муҳити дастрас барои шахсони дорои маъюбият" баргузор гардида, ғолибон бо мукофотҳо сарфароз карда шуданд.

Мувофиқи мақсад аст, ки ҷиҳати беҳтар намудани иттилоотонии шахсони дорои маъюбият аз ҷумла, ҷиҳати таъмин намудани барномаҳои телевизонӣ бо субтитрҳо ва сурдотарҷумонҳо ва нашри маводи иттилоотӣ бо алифбои Брайл чораҳои иловагӣ андешида шаванд.

Ҷиҳати муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият ҳамасола аз ҷониби кормандони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон санҷишу мониторингҳо гузаронида мешаванд. Соли 2020 дар ноҳияҳои Ванҷ, Шаҳристон, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Панҷ ва Ҷайҳун дар самти таъмини муҳити дастрас барои шахсони дорои маъюбият мониторинг ва дар шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона санҷиш гузаронида шуд.

Мониторингҳо нишон доданд, ки корҳо дар самти таъмин намудани дастрасии шахсони дорои маъюбият ба биноҳо ва иншоотҳои инфрасохтории ҳудуди ноҳияҳои мазкур ба таври дахлдор ба роҳ монда нашудааст. Масалан, биноҳои

марказҳои савдо, саломатӣ, филиалҳои БДА “Амонатбонк”, нозироти андоз ва дигар инфрасохторҳои иҷтимоӣ ба талаботи шахсони дорои маъюбият тибқи Меъёру қоидаҳои шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон (МҚШ 35-02-2012) мутобиқ нестанд.

Аз натиҷаи мониторингҳо бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фаъолият дар самти мазкур ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ, Шаҳристон, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Панҷ ва Ҷайҳун тавсияҳои дахлдор пешниҳод гардиданд.

Санҷиши шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи ноҳияҳои Шаҳристон, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Панҷ ва Ҷайҳун нишон дод, ки маблағҳои барои хизматрасонии шахсони ниёзманд ҷудошуда нокифоя буда, саривақт дастрас намешаванд. Ҳамчунин норасоии кормандони ёрии аввалияи тиббӣ, дар сатҳи лозима ба роҳ монда нашудани коргузорӣ, таҷдиди назар нашудани санадҳои дохилиидоравӣ, ба такмили ихтисос фаро гирифта нашудани кормандон ба назар мерасанд. Дар рафти санҷиш ба кормандони шуъбаҳои мазкур кӯмаки методӣ расонида шуда, баъзе камбудиҳо дар ҷояшон бартараф карда шуданд. Аз натиҷаи санҷишҳо тавсияҳои дахлдор пешниҳод гардиданд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи донишҳои касбии кормандони соҳа аз ҷониби кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ноҳияҳои мазкур дар мавзӯи “Сиёсати давлатӣ ва нақши мақомоти Ваколатдор оид

ба ҳуқуқи инсон дар самти риояи ҳуқуқи маъюбон” мизҳои мудаввар гузаронида шуданд.

Соли 2020 ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар самти ҳуқуқу озодиҳои шахсони дорои маъюбият 25 муроҷиат ворид гардидааст. Таҳлили муроҷиатҳо нишон медиҳанд, ки онҳо асосан ба масъалаҳои расонидани кӯмаки моддӣ, ҷойгир намудан ба муассисаҳои иҷтимоӣ, ҷудо намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ, таъмин намудан бо манзили истиқоматӣ, ҷудо намудани алимент ва ғайраҳо мебошанд. Масалан, шаҳрванд Г.М. дар муроҷиат худ ҷиҳати дар ягон муассисаи иҷтимоӣ ҷойгир намудани шаҳрванд Ю.С., ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дорад, мусоидат пурсидааст. Бо мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон шаҳрванд Ю.С. дар Маркази минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ барои нафақагирон ва маъюбони шаҳри Душанбе ҷойгир карда шуд.

Ҳамчунин бо мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳалли мусбии муроҷиатҳои шаҳрвандон Қ.М. оид ба рӯёнидани алимент барои фарзанди маъюбаш, Р.Г. оид ба ҷойгир намудани фарзанди маъюбаш ба муассисаи таълимӣ барои кӯдакони нобино ва сустбин ва А.О. оид ба пардохти нафақаи маъюбиаш таъмин карда шуд.

Бо мақсади баланд бардоштани донишҳои касбии кормандон мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо дастгирии шарикони рушд соли 2020 оид ба масъалаҳои мафҳуми муосири маъюбият, қонунгузории миллӣ ва

байналмилалӣ, ки ба маъюбон равона шудааст, банақшагирӣ, назорат, мониторинг ва омода намудани ҳисобот оид ба муҳити дастрас семинари омӯзишӣ гузаронида шуд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– мусоидат ба амалисозии Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон барои давраи то соли 2024;***

***– тадриҷан таҷҳизонидани биноҳои истиқоматӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ, гузаргоҳҳои пиёдагард ва заминии вобаста ба эҳтиёҷоти маъюбон;***

***– таъмини дастрасии маъюбон ба иттилоот (сурдотарҷумон, субтитр, алифбои Брайл ва забони имову ишора);***

***– таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ барои шахсони дорои маъюбият;***

***– тақвияти чораҳои иттилоотиву маърифатӣ ҷиҳати фароҳам овардани муносибати таҳаммулгаро нисбат ба шахсони дорои маъюбият;***

***– тақвият додани назорати талаботи Меъёру қоидаҳои шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон (МҚШ 35-02-2012);***

***– беҳтар намудани фаъолияти шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона.***

## 2.7. Пешгирии кирдорҳои зӯроварӣ дар оила

Таъмини пешгирии кирдорҳои зӯроварӣ дар оила дар маркази таваҷҷӯҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, қонунгузории миллӣ дар ин самт пайваста тақвият дода мешавад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 -2023 ва Стратегияи коммуникативӣ оид ба тағйир додани муносибат нисбати зӯроварӣ дар оила барои соҳои 2018-2022 аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Дар баробари ин Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ санадҳои ҳуқуқии байналмилалии самти мазкур, аз ҷумла Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон ва протоколи иловагии онро ба тасвиб расонидааст.

Вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии худ Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра ба сохторҳои шартномавии Созмони Милали Муттаҳид гузориш пешниҳод менамояд. Аз натиҷаи баррасии гузориши даврии шашуми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 аз ҷониби Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба барҳам додани таъбиз нисбати занон ба Тоҷикистон тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шуда, ҷиҳати иҷрои онҳо Нақшаи миллии амалҳо барои солҳои 2019-2022 тасдиқ ва амалисозии он ба роҳ монда шудааст.

Айни хол ҷиҳати пешгирии амалҳои зӯроварӣ дар оила дар низоми Вазорати корҳои дохилӣ 17 воҳиди кории нозирон доир ба мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила, дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 22 ҳуҷраи дастгирии занони аз зӯроварӣ ҷабрдида, дар назди Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази захиравӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ ва зӯроварӣ дар оила, ки бо телефони боварии 13-13 шабонарӯзӣ фаъол аст, 9 ташкилоти ҷамъиятии дар самти пешгирии зӯроварӣ фаъолиятбаранда ва 14 Маркази захиравии занон дар назди ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаъолият мекунанд.

Бо мақсади арёбии воқеии кирдорҳои зӯроварӣ дар оила ҳамасола фаъолияти мақомотҳои давлатӣ дар самти мазкур натиҷагирӣ карда мешавад. Соли 2020 аз ҷониби Вазорати корҳои дохилӣ 3 661 (с.2019- 3258) арзу шикоят вобаста ба амалҳои зӯроварӣ баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, 3 062 адад мурочиатҳо нисбати мардон (с.2019 - 2657) ва 599 адад мурочиатҳо нисбати занон (с.2019 - 600) мебошанд. Аз натиҷаи баррасии арзу шикоятҳои воридшуда нисбати 116 нафар (с.2019 - 129) парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, нисбати 3 435 нафар (с.2019- 2993) аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст. Боқимонда 36 арзу шикоят аз рӯи тобеият ба дигар мақомот фиристода шуда, 74 арзу шикоят дар баррасӣ қарор дорад.

Дар ин давра аз ҷониби мақомоти Вазорати корҳои дохилӣ барои кирдорҳои зӯроварӣ 1 656 (с.2019 - 1 377)

протоколҳои маъмурӣ, 1 731 амрномаи муҳофизатӣ (с.2019 - 1 450) дода шудааст.

Ҷиҳати барқарорсозии равонӣ ва расонидани ёрии иҷтимоӣ 154 нафар ҷабрдидагон (с.2019 - 107) ба марказҳои бӯҳронӣ ё барқарорсозӣ фиристода шудаанд. Шумораи оилаҳои носолими ба қайд гирифташуда 1 137 ададро (с.2019 - 1 721) ташкил медиҳад.

Таҳлили иттилооти Вазорати корҳои дохилӣ нишон медиҳад, ки арзу шикоятҳо дар самти зӯроварӣ дар оила соли 2020 нисбат ба соли 2019 403 адад зиёд шудаанд. Ҳарчанд шумораи протоколҳои маъмурӣ, амрномаҳои муҳофизатӣ ва шумораи оилаҳои носолим дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию пешгирикунанда кам шуда бошанд ҳам, шумораи ҷабрдидагон зиёд шуда, ба марказҳои бухронӣ ё барқарорсозӣ фиристодани онҳо зиёд шудааст.

Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила мебошад, соли 2020 якчанд чорабиниҳои муҳимро дар самти мазкур роҳандозӣ намуд ва кормандони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ дар он фаъолона иштирок намуданд. Аз ҷумла, мизҳои мудаввар дар мавзӯъҳои “Таъмини амалӣ намудани ҳуқуқи инсон ва барқарор намудани ҳуқуқи ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Натиҷаҳои ҳисоботи таҳлилӣ оид ба арзёбии вазъи зӯроварии гендерӣ дар минтақаҳои мақсадноки Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва

Конференсияи ҷумҳурявӣ дар мавзӯи “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон – омили рушди имкониятҳо” гузаронида шуданд.

Аз иттилои пешниҳоднамудаи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки соли 2020 ба мақомоти мазкур 105 муроҷиат вобаста ба амалҳои зӯроварӣ ворид шуда, ҷиҳати ҳалли онҳо чораҳои дахлдор андешида шудааст.

Тибқи маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 вобаста ба кирдорҳои зӯроварӣ дар оила 318 (с.2019 - 218) парванда нисбати 231 нафар баррасӣ гардида, аз онҳо оид ба 290 парванда (с.2019 - 179) нисбати 295 (с.2019 - 189) нафар ҳукми айбдорӣ бароварда шудааст.

Новобаста аз чораҷӯии мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ кирдорҳои зӯроварӣ дар оила, норасоии нозирон доир ба мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила ва марказҳои бухронӣ ҳамчун мушкилоти мубрами рӯз боқӣ мемонанд.

Таҳлили вазъ нишон медиҳад, ки оид ба кирдорҳои зӯроварӣ дар оила омори ягона вуҷуд надорад. Инчунин дар ин самт афкори ҷомеа тағйир наёфта, ҷиҳати ба ҷавобгарӣ кашидани зӯроварон аз имкониятҳои мавҷуда васеъ истифода бурда намешавад. Чунин мушкилот ба ҳолатҳои сахти рӯҳию ҷисмонии ҷабрдидагон оварда расонида, дар баъзе ҳолатҳо сабаби худкушӣ ва дигар оқибатҳои фоҷиабор мешаванд. Масалан, соли 2020 чунин амалҳои худкушӣ аз ҷониби сокини

ноҳияи Рашт, Кушониён, шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ рух додаанд.

Сабабҳои дигари содиршавии амалҳои зӯроварӣ мушкилоти иқтисодии оилаҳо, қолабҳои куҳнашуда ва дахолати шахсони сеюм ба оилаҳои ҷавон мебошанд. Инчунин бо ҳам мувофиқ наомадани хислатҳои оилаҳои ҷавон, вобастагии иқтисодии онҳо, зиндагӣ кардани ду ва ё зиёда келинҳо дар як манзил боиси пошхӯрии оилаҳо гардидааст.

Ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар оила соли 2020 аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон корҳои муайян анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, ҷиҳати баланд бардоштани малака ва дониши касбии кормандон барои кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи “Таъмини амалӣ намудани ҳуқуқи инсон ва барқарор намудани ҳуқуқи ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” семинари омӯзишии дурӯза гузаронида шуд.

Инчунин аз ҷониби кормандони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон баҳри баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар самти мазкур 18 баромад дар воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла дар телевизион 2, радио 6 , матбуоти даврӣ 2, матбуоти электронӣ 8 баромад таъмин карда шуд.

Соли 2020 аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади баланд бардоштан малака ва дониши кормандони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Панҷ ва

Ҷайҳун дар мавзӯи “Пешгирии зӯроварӣ дар оила, никоҳҳои бармаҳал ва фарҳанги оиладорӣ” 2 мизи мудаввар гузаронида шуд.

Вобаста ба амалҳои зӯроварӣ дар оила соли 2020 ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 4 муроҷиат (с.2019 - 6) ворид шуда, тибқи тобеият ба Вазорати корҳои дохилӣ барои чораҷӯӣ ирсол карда шудааст.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– такмили қонунгузории миллӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар самти ҳифзи аъзои оила ва ҷиноигардонии амалҳои зӯроварӣ;***

***– андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати зиёд намудани воҳидҳои кории нозирон доир ба мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила, марказҳои бухронӣ ва паноҳгоҳҳои муваққатӣ;***

***– тақвият додани фаъолияти иттилоотӣ ҷиҳати пешгирии кирдорҳои зӯроварӣ дар оила.***

## 2.8. Ҳуқуқ ба саломатӣ

Таъмини солимии аҳолӣ дар меҳвари сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, дар ин самт аз ҷониби давлат пайваста тадбирҳо андешида мешаванд.

Аз ҷумла, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегияву барномаҳое, ки дар ин самт қабул шудаанд, ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқи шаҳрвандонро ба саломатӣ кафолат медиҳанд.

Буҷети соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ сол то сол зиёд гардида, дар соли 2020 1 миллиарду 841 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2019 101 милион сомонӣ зиёд мебошад.

Дар баробари фаъолияти муассисаҳои давлатии тиббӣ дар ҷумҳурӣ 719 (с.2019 - 702) муассисаҳои хусусии тиббӣ фаъолият мекунанд, ки ҷиҳати беҳтар шудани хизматрасониҳо мусоидат менамоянд.

Соли 2020 мардуми сайёра ба мушкилоти сахти ҳифзи саломатӣ рӯ ба рӯ шуд, зеро маҳз дар ин сол бемории сироятии COVID-19 ба тамоми ҷаҳон, аз ҷумла ба Тоҷикистон паҳн гардида, таъмини солимии ҷомеаро зери хатар қарор дод.

Ҷиҳати пешгирӣ намудани паҳншавии бемории сироятии COVID-19 Ситоди ҷумҳуриявӣ таъсис дода шуда, як қатор тадбирҳо андешида шуданд.

Тибқи дастури Ситоди ҷумҳурявӣ дар тамоми вазорату идораҳо ва ташкилотҳо ситодҳои дохилиидоравӣ таъсис дода шуданд.

Бо мақсади пешгирии таъсири пайомадҳои бемории мазкур Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1544 аз 5 июни соли 2020 "Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба тасвиб расид. Тибқи фармони мазкур ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, ки ба ин беморӣ гирфтор шудаанд, ба андозаи музди меҳнати ҳадди ақал кӯмакпулии яквақта расонида шуда, ба музди меҳнати вазифавии кормандони соҳаи тиб, ки бевосита ба ташхис ва табобати беморони сирояти COVID-19 ҷалб карда шуданд, иловапулӣ пардохт карда шуд.

Дар ин давра барои табобати пурра ва саривақтии шахсони гирифтори бемории сироятии COVID-19 беш аз 30 беморхона бо 7 000 кат бунёд гардида, 5 400 нафар табибону кормандони тиббӣ сафарбар гардиданд. Инчунин дар 92 муассисаҳои дигари тиббӣ 16 ҳазор кат омода карда шуд.

Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз моҳи апрели соли 2020 то январи соли 2021 дар маҷмӯъ 13 308 нафар ба бемории вируси шакли нав COVID-19 гирфтор шуда, 13 218 шифо ёфта, 90 нафар фавтиданд.

Вазъияти вобаста ба COVID-19 нишон дод, ки дар ҷумҳурӣ фаъолияти озмоишгоҳҳои микробиология ва

вирусшиносӣ ба роҳ монда нашудааст. Дар барномаҳои давлатӣ низ вобаста ба пешгирии паҳншавии вирусҳои шакли нав чорабинӣ пешбинӣ нашудааст.

Самти дигари таъмини ҳуқуқ ба саломатӣ пешгирӣ ва табобати ВНМО/БПНМ мебошад. Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020 бо мақсади дастрасии баробари аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифат вобаста ба табобати шахсони сироятёфта равона шудааст.

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ 98 муассисаҳои табобатии зиддиретровирусӣ фаъолият доранд, ки соли 2020 ҳамагӣ 1 424 нафар беморон ба табобат фаро гирифта шудаанд.

Новобаста аз тадбирҳои андешидашуда дар самти мазкур баъзе норасоию камбудиҳо ҷой доранд. Норасоии равоншиносон, сироятшиносон, вирусологҳо, иммунологҳо, реаниматологҳо ва эпидемиологҳо ба фаъолияти самараноки муассисаҳои табобатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи маърифатнокии аҳолӣ вобаста ба бемории мазкур ва роҳҳои пешгирии он нокифоя аст.

Соли 2020 аз ҷониби кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати таҳлили вазъ дар самти риояи ҳуқуқи беморони ВНМО/БПНМ фаъолияти Маркази ҷумҳурявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО мавриди санҷиш қарор дода шуд.

Санҷиш нишон дод, ки дар Марказ шуъбаҳои арзёбӣ ва баҳодиҳӣ, назорати эпидемиологӣ бо ҳуҷраи ташхиси махфӣ,

назорати ташкили диспансерӣ ва ташхисгоҳи рефиренсӣ ва иммунологии сирояти ВНМО фаъолият менамоянд.

Аз ҷониби Марказ дар миқёси ҷумҳурӣ 36 нуқтаҳои боварӣ барои нашъамандони тазриқӣ ва 11 гурӯҳи мобилии сайёр ташкил карда шудааст.

Марказ назорати дидбонии эпидемиологиро ба роҳ монда, соли 2020 дар миқёси ҷумҳурӣ 3 500 муҳоҷири меҳнатии баргаштаро (3009 мард ва 491 зан) ба ташхис фаро гирифтааст, ки дар натиҷа 15 ҳолати сироятёбӣ бо вируси мазкур, 28 ҳолат бо сирояти гепатити “С” ва дар 6 ҳолат дигар бемориҳо ошкор гардидаанд.

Дар фаъолияти Марказ баъзе камбудиҳо ҷой доранд. Дуруст ба роҳ монда нашудани коргузорӣ, норасоии мутахассисон, ба қайд гирифта нашудани муроҷиатҳои телефонӣ (алоқаи мобилӣ), нокифоя будани чорабиниҳои иттолоотӣ аз ҷумлаи ин камбудиҳо мебошанд. Аз натиҷаи санҷиш ба роҳбарияти Марказ тавсияҳои дахлдор пешниҳод шуданд.

Таъмини аҳолӣ бо маводи дорувории босифат кафили таъмини солимии аҳолӣ маҳсуб меёбад. Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ истеҳсоли доруворӣ аз гиёҳҳои шифобахши кишвар, яке аз масъалаи ҳалталаб боқӣ мемонад. Дар ҷумҳурӣ то соли 2020 ҳамагӣ истеҳсоли 404 номгӯй маводи доруворӣ ба роҳ монда шудааст.

Соли 2020 дар ҷумҳурӣ 2 529 дорухона фаъолият намудааст. Дар ин давра ба ҷумҳурӣ ба маблағи 792 945 876

сомонӣ (с.2019 - 55 765 528) маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ ворид гардиданд.

Соли 2020 116 869 киллограмро (с.2019 - 175 710 кг) маводи бесифати доруворӣ, маводҳои тиббӣ, ороишию гигиенӣ ва ғизои кӯдакона бо роҳи сӯзонидан нобуд карда шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи зиёд намудани чорабиниҳои профилактикию назоратӣ вазъ дар ин самт беҳтар гардидааст.

Новобаста аз саъю талошҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати пешгирии бемории диабети қанд шумораи гирифторони ин беморӣ сол аз сол зиёд шуда истодааст. Теъдоди умумии беморони диабети қанд 5 029 нафарро ташкил дода, танҳо соли 2020 933 (с.2019 - 874) нафар чунин беморон ба қайд гирифта шудааст, ки назар ба соли 2019 59 нафар зиёд мебошад. Мутахассисони соҳа зиёдшавии бемории мазкурро дар камҳаракатӣ, пурхурӣ, ғизои таҷзиянашуда ва паст будани маърифати аҳолӣ рабт медиҳанд.

Соли 2020 ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар самти ҳуқуқ ба саломатӣ 3 мурочиат (с.2019 - 7) ворид шудааст. Таҳлили мурочиатҳо нишон медиҳад, ки онҳо ба масъалаҳои нокифоягии сатҳи хизматрасонӣ дар муассисаҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ, расонидани кӯмаки моддӣ ба беморон дар давраи пандемияи COVID-19 ва гаронии маводҳои доруворӣ барои беморони диабети қанд рабт доранд. Мурочиатҳои мазкур бо мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳалли мусбии худро ёфтанд.

Ҷиҳати мусоидат дар таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба саломатӣ соли 2020 кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тавассути радио 3 маротиба баромад намуда, дар самонаи мақомот маводи таҳлилӣ нашр намуданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъ дар самти ҳуқуқ ба саломатӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– андешидани чораҳо ҷиҳати таъсис додани озмоишгоҳҳои микробиология ва вирусшиносӣ дар ҷумҳурӣ;***

***– андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати таъмин намудани муассисаҳои тиббӣ бо равоншиносон, сироятшиносон, вирусологҳо, иммунологҳо ва эпидемиологҳо;***

***– тақвият додани фаъолият ҷиҳати пешгирии воридшавии маводи доруворӣ ва молҳои тиббии бесифат;***

***– боз ҳам баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар самти ҳифзи саломатии аҳолӣ.***

# ХОТИМА

Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлилу омӯзишҳое, ки зимни фаъолияти амалии мақомот дар соли 2020 анҷом дода шудаанд, таҳия гардидааст.

Аз Маърӯза бармеояд, ки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон соли 2020 ҷиҳати таҳким ва пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои асосии фаъолияти худ як қатор корҳоро анҷом додааст.

Натиҷаҳои фаъолият дар соли 2020 нишон медиҳанд, ки сатҳу сифати корҳо дар самтҳои қабул ва баррасии муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, боздид, санҷиш ва мониторингҳо, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, иштирок дар фаъолияти гурӯҳҳои корӣ ва мурофиаҳои судӣ, саҳмгузорӣ дар такмили қонунгузорӣ, баргузории чорабиниҳои маърифатӣ ва иттилоотӣ тақвият ёфтаанд.

Соли 2020 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1946 адад (с.2019 - 3249) муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 1303 адад кам мебошад. Кам гардидани муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ агар аз як тараф ба вазъияти бинобар пандемияи COVID-19 баамаломада вобастагӣ дошта бошад аз тарафи дигар, ба қатъ гардидани фаъолияти қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Рашту Айнӣ алоқамандаст.

Дар соли 2020 дар муқоиса ба соли 2019 теъдоди муроҷиатҳо нисбати ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда 19 адад ва ҳуқуқ ба манзил 9 адад зиёд гардида, муроҷиатҳо нисбати ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ 21 адад, ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 17 адад, ҳуқуқ ба моликият 12 адад ва ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ 14 адад нисбатан кам гардидаанд.

Дар муқоиса ба соли 2019 шикоятҳо нисбат ба мақомоти судӣ 9 адад, корҳои дохилӣ 3 адад, шахсони ҳуқуқӣ 3 адад бештар гардида, нисбат ба мақомоти прокуратура 14 адад, адлия 5 адад ва шахсони воқеӣ 7 адад кам шудаанд.

Ҷиҳати ҳалли мушкилоти муроҷиаткунандагон мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо дигар мақомоти давлатӣ ҳамкориҳои пайваста дорад. Зимни фаъолият ҳолатҳои воридшавии муроҷиатҳое, ки ба салоҳияти мақомот дохил намешаванд зиёд ба назар мерасад. Новобаста аз ин мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон муроҷиати шаҳрвандонро рад накарда, онро тибқи тобеият ба мақомоти дахлдор ирсол менамояд ва аз натиҷааш ба муроҷиаткунанда хабар медиҳад. Аз ҷумла, соли 2020 152 адад муроҷиатҳо барои мусоидат намудан ба мақомоти дахлдори давлатӣ фиристода шудааст.

Соли 2020 фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар самти такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқи инсон низ самаранок буд. Бо мақсади мусоидат лоиҳаи 42 санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (с.2019

- 26 адад) мавриди омӯзиш қарор дода шуда, хулосаҳо пешниҳод гардиданд.

Ҳамчунин доир ба фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва муайянсозии мавқеи мақомот оид ба паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқҳои инсон 148 (с.2019 - 140) маълумотнома ва ахбору гузоришҳо ба мақомоту идораҳои давлатӣ пешниҳод карда шудаанд.

Новобаста аз вазъи вобаста ба COVID-19 фаъолияти мақомот дар самти боздид, санҷиш ва мониторингҳо тақвият дода шуд. Дар соли 2020 тибқи Барномаи амали мақомот, нақшаи кори Гурӯҳи мониторингӣ, дар асоси муроҷиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва бо супориши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, тавқифгоҳҳои тафтишотӣ, тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатӣ, қисмҳои ҳарбӣ, муассисаҳои будубоши маъюбон ва пиронсолон, мактаб-интернатҳо, мактаб-парастишгоҳҳо, муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ 40 санҷиш, 12 мониторинг ва 11 боздид гузаронида шуданд. Аз натиҷаи чорабиниҳои мазкур ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба мақомоти дахлдор тавсияҳои мушаххас пешниҳод карда шуданд.

Дар соли 2020 ба фаъолияти иттилоотӣ ва маърифатӣ авлавият дода шуда, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон аз воситаҳои гуногун, аз қабили вохӯрию мулоқотҳо, конфронсу семинарҳо ва мизҳои

мудаввар, инчунин баромадҳо дар телевизион ва радио, нашри мақолаҳо дар матбуоти даврӣ ва чопи маводҳо васеъ истифода бурда шуд.

Роҳбарият ва кормандони мақомот тавассути воситаҳои ахбори омма 47 баромади телевизионӣ, 59 баромад дар радио, 59 мақола дар матбуоти даврӣ ва 57 мавод дар матбуоти электрониро таъмин намуданд, ки ба паҳлуҳои мухталифи соҳаҳои ҳуқуқ, иқтисод, иҷтимоӣ равона шуда буданд.

Дар соли 2020 бо ибтикори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 34 чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида шуда, кормандони мақомот дар 45 семинару конференсияҳо ва мизҳои мудаввар оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон иштирок ва маърӯза намуданд. Дар чорабиниҳои мазкур ҳамчунин дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқи инсон низ васеъ ташвиқу тарғиб карда шуданд.

Ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар соли 2020 низ судманд буданд. Дар доираи ин ҳамкориҳо баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, гузаронидани санҷишу мониторингҳо, дастгирии намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар минтақаҳои кишвар, баргузории семенару конфронсҳо, табъу нашри маводҳои чопӣ ва дигар корҳо ҷиҳати пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон роҳандозӣ карда шуданд. Роҳбарият ва кормандони

мақомот дар 41 ҷаласаҳои гурӯҳҳои кории мақомоти давлатӣ иштирок намуданд. Бо намояндагони корпусҳои дипломатӣ, коршиносони байналмилалӣ ва дигарон 28 вохӯрӣ ва мулоқотҳои судманд анҷом дода шуданд.

Дар Маърӯзаи пешниҳодшуда вазъи риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон дар сатҳи қонунгузории миллӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ бо дарназардошти уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати бартарафсозии мушкилоти ҷойдошта тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, бо мақсади рушди минбаъдаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон – 3 тавсия, боз ҳам беҳтар намудани вазъи таъмини ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф – 5 тавсия, ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида – 6 тавсия, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот – 4 тавсия, ҳуқуқи инсон ба интихобот – 3 тавсия, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо – 5 тавсия, ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият – 7 тавсия, пешгирии кирдорҳои зӯроварӣ дар оила – 3, ва ҳуқуқ ба саломатӣ – 4 тавсия дар маҷмӯъ 40 тавсия пешниҳод гардидааст.

Итминон дорем, ки ба инобат гирифтани муҳтаво ва тавсияҳои дар Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2020 пешниҳодшуда барои боз ҳам беҳтар

гардидани вазъи эътироф, эҳтиром, таъмин, ҳифз ва пешбурди ҳуқуқҳои инсон мусоидат намуда, мақомоти давлатӣ дар ҳамкорӣ бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани онҳо саҳм мегузоранд.